Г. Б. Акрамова
Р. А. Садирдинова
Р.А.Хамитов

# САВОДОМӮЗӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 1
Мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 3**

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон тасдиқ кардааст*

Алматы
«Жазушы»
2016

УДК 373.167.1(075.2)
ББК 74.202.4
А34

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 – хониш

 – муаллима

 – кор бо ҷуфт

 – кор бо падару модар

 – кор бо гурӯҳ

 – бозӣ

 – дар ёд дор!

 – фикр мекунем

 – бурдани тадқиқод

 – суҳбат

 – кори эҷодӣ

 – супориш

 – ва дафтар навис

 – иҷрои вазифа

**Акрамова Г.Б. ва дигарон.**
А34 **Саводомӯзӣ:** Китоби дарсӣ барои синфи 1 мактаби умумитаълимӣ. 3-қисм./ *Акрамова Г.Б. Садирдинова Р.А., Хамитов Р.А.* **Қисми-3.**– Алматы, «Жазушы», 2016.-112 с, сур.

SBN 978—601—200—528—8

**УДК 373.167.1(075.2)**
**ББК 74.202.4**

© Акрамова Г.Б., Садирдинова Р. А., Хамитов Р.А., 2016
© “Жазушы” баспасы, көркем безендірілуі, 2016
Барлық құқықтары қорғалған
Басылымның мүліктік құқықтары “Жазушы” баспасына тиесілі

ISBN 978—601—200—528—8 (қисми 3)
ISBN 978—601—200—525—7

## Дӯсти азиз !

Мо шодем, ки шумо аллакай хондан, навиштан ва мулоҳиза карданро ёд гирифтед. Дар бораи мактаб, ҳамсинфон, дӯстон, оилаи хеш ба худ бисёр чизҳоро донистед. Дар баробари бо ҳам омӯхтани саҳифаҳои китоби дарсии мазкур бо олами иҳотакунанда шинос шудед. Бо урфу одат ва ананаҳои халқи худ ошно гардидед.

Ба истиқболи шумо қаҳрамонони ҳикоя ва афсонаҳои шавқовар мунтазиранд. Шеърҳои бисёреро аз ёд карда, дуруст хонда ва хушрӯ навиштанро давом медиҳед. То ки дар оянда пурзӯру боқувват ва фуқарои лоиқи Ватан шавед, пешакӣ зиндагонии тандуруст бурданро ёд мегиред. Марҳабо, ба олами ҳавасангези дониш!



## Дарси 151 Таом ва нӯшокӣ

### Шумо меомӯзед:

– ба чӣ будани нутқ ва матн сарфаҳм рафтан;
– дар бораи кӣ ва ё чӣ маълумот додани матнро муайян кардан;
– фикри муаллифро фаҳмидан;
– материали аз аввал то охир шунидаро ба пайдарпайии ҳодисаҳо риоя намуда нақл кардан;
– ба одоби муошират риоя кардан;
– баён кардани муносибат оид ба маводи шунидашуда;
– аз рӯи расмҳои сужетдор ҳикоя карда тавонистан;
– ҷудо кардани овозҳои калима ва хусусияти онҳо;
– аз ҳиҷоҳо иборат будани калимаро дарк кардан;
– муайян кардани шумора ва тартиби ҳиҷоҳои калима;
– дарк кардани имлои ётбарсарҳои калима;
– хониши ифоданоки матн;

### Таом ва нӯшокӣ

– муайян намудани аввал, мобайн ва охири матн;
– фаҳмидани маънои лексикии калима;
– аз рӯи матн тартиб додани саволҳо;
– ба саволҳои матни омӯхташуда ҷавоб додан;
– муайян кардан ва муқоиса намудани хелҳои матн;
– аз матн чун сарчашмаи маълумот истифода намудан;
– мавқеи садонокҳои калимаро донистан;









# Дарси 152 Мо чӣ гуна муомила мекунем?

**1.** Дар бораи таом ва нӯшокиҳо нақл кунед.

Оё шумо медонед?

Ошхона ҷоест, ки одамон хӯрок мехӯранд ва истироҳат мекунанд.

**2.** Бачаҳо ба куҷо рафтанд?

Ба хотир оред, дар ошхона чӣ гуна алоқа бояд кард.

**3.** Хонед.

1. Хушмуомила шуда тавонистан.
2. Таом фармудан.
3. Бамаврид истифода бурдани асбобҳои ошхона.



## Рӯйхати таом ва нӯшокиҳо

Оё шумо ба ошхона рафта будед?

Дар он ҷо руйхати таомнома будааст?

Барои дӯсти худ таомнома тартиб диҳед.

5. Хонед.

## Майдача не ман



Дигар майдача не ман,
Ман духтари калонам!
Ёрӣ медиҳам акнун,
Худам ба очаҷонам.

Акнун худам ҷоямро
Мерезаму менӯшам.
Ҷӯробу палтоямро
Акнун худам мепӯшам.

Куртаву рӯмоламро
Ман шуста метавонам.
Дигар майдача не ман,
Ман духтари калонам.

*Убайд Раҷаб*

**6.** Духтарча чӣ кор мекунад?
Вай ба кӣ ёрӣ мерасонад?

**қыз**
**духтарча**
**девочка**
**girl**

**7.** Зарбулмасалро аз ёд кунед:

Меҳнат шараф аст.

8. Шумо дар хона бо чӣ кор машғул мешавед?
Оё шумо ҳам ба падару модар ёрӣ мерасонед?

# Дарси 153 Нутқ чист?

сәлеметсіз бе!
ассалому алайкум!
здравствуйте!
hello!

сау болыңыз!
саломат бошед!
до свидания!
good bye!



**1.** Аз рӯи расм диалог созед.



1. Саломдиҳӣ.
2. Ҳолпурсӣ.
3. Хайрухуш.



**2.** Зарбулмасалро нависед ва мазмунашро фаҳмонед.

Шаф-шаф нагӯ, шафтолу гӯи.
Дӯстон оинаи якдигаранд.



**3.** Аз рӯи диалог саҳнача гузоред.

– Оё дар деҳаи шумо ошхона ҳаст?
– Дар деҳаи мо ошхона ҳаст.
– Дар маҳалли шумо ошхона ҳаст?
– Ошхонаи бачагона ҳаст.

Нутқ аз ҷумла иборат аст, ки аз ҷиҳати мазмун бо ҳам алоқамандӣ дорад.



**4.** Сӯҳбати қаҳрамонони афсонаро хонед. Намуди нутқро гӯед.

## Гург ва буз



Гург дид, ки бузе дар болои кӯҳ чарида гаштааст. Ӯ хост, ки ба болои кӯҳ барояд, аммо натавонист. Вай аз поён ба буз гуфт:

– Бузҷон, ба поён фаро, дар ин ҷо сабза ва майса зиёд аст.

– Медонам, ту ғами маро намехурӣ, ғами шикаматро мехӯрӣ.

**5.** Аз номи қаҳрамонони афсона сӯҳбат созед.

**6.** Аз руи нақшаи додашуда салом диҳед.



**7.** Ҳангоми сӯҳбат бо телефон ба одоби муошират риоя кунед.

# Дарси 154 Нутқ чанд хел мешавад?

**1.** Хонед.

## Аз нӯги хамир фатир

Ҳар бор очам,
Мекунад хамир.
Аз нӯги хамир,
Мепазад фатир.
Нонреза афтад,
Агар аз даҳон.

Очаам доим,
Мегӯяд ба ман.
Нонро зер кунад,
Кас кӯр мешавад.
Монанди фатир
Чӯтур мешавад.



Муносибати муаллиф ба оча чӣ гуна аст?

Оё шумо ба наздикон меҳрубонӣ мекунед.

3. Хонед ва давом диҳед.

Очаи меҳрубонам самбӯса, фатир, тушбера... тайёр карданд.

4. Ҷумларо давом диҳед ва нависед. Кадом калимаҳоро илова кардед? Ба ҳиҷо ҷудо кунед.

Дар хонаи очаам кулча, фатир... хӯрдам...

**нан**
**нон**
**хлеб**
**bread**

**6.** Матнро хонед. Дар бораи мазмуни воқеа фикри худатонро гуед.

## Ташаккур Саидҷон!

Саидҷон бегоҳӣ аз мактаб меомад. Ногоҳ ӯ ба чизе пешпо хӯрд.Ба замин нигоҳ карду чашмонаш калон-калон кушода шуда монд.

Дар роҳ ҳамёни касе афтода мондааст. Саидҷон ҳамёнро аз назар гузаронид. Дар он 12 сӯм пул, шаҳодатнома ва боз чанд ҳуҷҷатҳои дигар буданд. Ӯ шаҳодатномаро кушода, ба сурат зеҳн монд. "Қориев Мирсаид, охир, ин муаллими худам-ку! ". Саидҷон давон-давон ба хонаи Мирсаид рафт.

– Муаллим, магар ин ҳамёни шумо нест?

Гуфт:

Мирсаид Қориев, ки дар куҷо афтидани ҳамёнашро намедонист ва ҳоло хафа менишаст, аз ёфт шудани ҳамёнаш хеле шод шуд.

– Ташаккур, Саидҷон! – гуфт ӯ.

– Намедонистам, ки чӣ кор кунам. Маро хеле хурсанд кардӣ, писарам.

*(Б.Умаров)*

Оё Саидҷон дуруст кор кардааст?

Шумо ҳамёни М.Қориевро медодед?

Чаро муаллими Саидҷон ташаккур изҳор кард? Ҳикояро аз номи худ нақл кунед.

| шифоҳӣ: | ← **Нутқ** → | хаттӣ: |
|---|---|---|
| гӯш мекунем | | менависем |
| нақл мекунем | | мехонем |

Дарси 155

# Овоз чист?

**1.** Хонед.

## Нон

Зеби дастурхони мо,
Ҳурмати меҳмони мо,
Обрӯю эътибор,
Қуввати дармони мо



Резаҳояшро чида,
Ман мемолам ба дида.
Дил гум занад беқарор,
Нони гармро чашида.

Ҳаловати ҷон аст нон,–
Қуввати дармон аст нон,
Зеби дастурхон аст нон,
Меҳнати деҳқон аст нон.

*(Нӯъмон Розиқ)*

2. Аз гандум чӣ хел маҳсулотҳо тайёр карда мешавад? Онҳоро номбар кунед.

Дар бораи нон чӣ гуна афсонаю ҳикояҳо медонед?



**4.** Хонед. Кадом овоз дар калимаҳо такрор мешавад?

### -Х-х-харгӯш



1. Харгӯшаки диловар,
Чатри табиат ба сар.

2. -З-з-занбӯр
Олими беамал,
занбӯри беасал

3. – Г-г– гунҷишкак.
Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяки хушрӯяк,
Дар панҷаҳо шохчаҳо.
Дар болои буттаҳо,
Нишаста бозӣ мекард,
Хуб нағмасозӣ мекард.





5. Овозҳои калимаҳои зеринро муайян кунед. Ба ҳиҷо ҷудо карда, шумораи ҳиҷоҳоро аниқ кунед.

Акка, кабутар, гунҷишк, лаклак, магас, қунғиз, оҳу, хорпушт, харгӯш, саг, хирс, модагов.

Калимаҳои аз ҳама кӯтоҳ ва дарозро ёбед. Сохти калимаҳоро гӯед.

Калимаҳо аз овозҳо иборат аст. Мо овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем.

# Дарси 156 Тавсифи овоз

**1.** Ашёҳои ошхонаро номбар кунед.

Онҳо дар кадом маврид истифода мешаванд?
Ашёҳои ошхонаро муқоиса кунед.




Таваҷҷӯҳ мекунем!
Каф-гир 2 ҳиҷо
к– [к] ҳамсадо, беҷаранг, ҷуфт к-г
а – [а] садонок, зада.
ф – [ф] ҳамсадо, беҷаранг, ҷуфт в-ф
г– [г] ҳамсадо, ҷарангдор, ҷуфт г-к
и– [и] садонок, заданок
р– [р] ҳамсадо, беҷаранг

**рақмет**
**раҳмат**
**спасибо**
**thank yoy**

**2.** Номи ашёҳои ошхонаро нависед. Дилхоҳ калимаро тавсиф кунед.

Такрор кунед.

Тавсифи овоз

Садонок ← → ҳамсадо

| Садонок | ҳамсадо |
|---|---|
| заданок | ҷуфт |
| бе зада | ҷарангдор |
| | беҷаранг |

**мархабат**
**марҳамат**
**пожалуйста**
**please**

**4.** Хонед. Мазмуни пандро муайян кунед.

## Панди модар



Ба ёдам ҳаст, модар гуфта будӣ,
Ҳамеша ҷаҳд бинмо,эй писарҷон.
Ки дар ҳар нусрату эъҷози кишвар
Бубинам доимо саҳмат намоён.
Ман ин панди туро дар арсаи кор,
Барои хеш дастуре шуморам.
Қасам бар номи ту, то умр боқист,
Бикӯшам аз паи нафъи диёрам.

*А. Шукуров.*

Луғат:
Ҷаҳд – кӯшиш, ғайрат.
Нусрат – ғалаба, муваффақият.
Саҳм – ҳисса.

**5.** Ҳарф гум шудааст.

Но ☐ а, хо ☐ а, мо ☐ а, жо ☐ а.

## Дарси 157

# Ҳарф чист?

**А Б В Г Ғ Д Е Ё Ж З И Ӣ Й К Қ Л М Н**

**1.** Чистонро ёбед.

Дасту по надорад,
Расми туро мекашад. *(ойина)*
Таг санг, рӯ санг,
Миёна уқоби тезчанг. *(сангпушт)*

**2.** Ҳарфи лозимаро гузошта, калима созед ва хонед.

О д, Ко д, Ҳ рф, Па ар, Си ора, О тоб

**3.** Ҳарфҳоро дуруст гузоред. Номи ҳайвонҳоро хонед.

Ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Шумораи ҳиҷоҳоро муайян кунед.

ГАС, ӮАГОСЛ, СГПАНТУШ, ЧАРАБА

**4.** Номи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо дар зери ду сутун нависед. Ба зери садонокҳо хад кашед.

Гург, оҳу, асп, модагов, хирс, саг, гурба, гӯсфанд, рӯбоҳ, шутур.



**5.** Ба тартиби ҳарфҳои алифбо риоя карда номи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо нависед.

Хурдтарин воҳиди забонро ҳарф меноманд. Ҳарфҳоро мо мебинем ва менависем.

**Н О П Р С Т У Ӯ Ф Х Ҳ Ч Ҷ Ш Ъ Э Ю Я**

**6.** Хонед. Маънои зарбулмасалро фаҳмонед.

## Алифбо – зинаи дониш




Ҳарфҳо ва тартиби муайяни онҳоро алифбо меноманд.

Дар алифбои тоҷикӣ 35 ҳарф ва 30 овоз мавҷуд аст.

**7.** Супоришро иҷро кунед.

1. Ҳарфҳои зеринро истифода намуда калимаҳо созед:
2. Ҳарфҳои садонокро ба тартиби ҳарфҳои алифбо риоя карда нависед.
3. Ҳарфҳои ҳамсадоро ба тартиби ҳарфҳои алифбо риоя карда нависед.
4. Ҳарфҳое, ки овоз надоранд, нависед.
5. Ба тартиби ҳарфҳои алифбо риоя карда калимаҳои зеринро ба дафтаратон кӯчонед: барача, тарбуз, харгӯш, об, намак, гул.

**әліпби**
**алифбо**
**алфавит**
**alphabet**

**8.** Чистонро ёбед.

Тап-тап мекунад,
Барф мебарад.
*(элак)*

**9.** Ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ, қазоқӣ, русӣ, ва англисиро муқоиса кунед.

# Дарси 158 Саёҳат ба олами ҳарфҳо

**1.** Чистон.



Бузе дорам бозингар,
На дил дорад, на ҷигар.
*(рӯбоб)*



Сафедак медарояд,
Сурхак мебарояд.
*(нон)*



Мехи заррин,
Таги замин.
*(сабзӣ)*

**2.** Хонед. Шеърро аз ёд кунед.

## Ҳарфҳо

Ҳарфе, ки мо мехонем,
Ҳарфе, ки мо медонем.
Ҳамеша орад ба ёд,
Манзарае ҳаст ҳаёт.

Ҳарфи О мисли кулча,
Ҳарфи Б ранги дӯлча.
Ҳарфи Ш мисли шона,
Ҳарфи С чун дастпона.

Ҳарфи В ранги айнак,
Ҳарфи Ж чун тортанак.
Агар ҳарфҳоро донем,
Ҳама дунёро донем.

*Гулназар Келдӣ*

**3.** Ҳарфҳоро аз ёд гӯед.

4. Донистани ҳарфҳо чӣ аҳамият дорад?

Бо истифодаи овози аввали номи ашёҳои тасвиршуда, номи духтаронро ёбед










Ҷавоб: (Соро)

**5.** Хонед, нависед. Ба тартиби ҳарфҳои алифбо риоя кунед.

Китоб, анор, борон, мактаб, хона, товус, вагон, лола, сатил, дашт.

**6.** Тезгӯякро аз ёд кунед.

1. Замира зира, захира кард.
2. З-зебу зиннати зӯр,
Аз зарру зевар зарур.

**7.** Ин расмҳоро чӣ алоқаманд мекунад?







**8.** Ҳарф афтидааст.

☐ адио, ☐ ама, ☐ асм, мо ☐, а ☐ ☐ а.

## Дарси 159

# Овозҳои садонок ва ҳарфҳо



**1.** Бозии "Мо дар кафе". Нақл аз рӯи расм.




**орамжапырақ**
**карам**
**капуста**
**cabbage**



2. Тасаввур кунед, ки шумо ба кафе рафтед.

Шумо ба кадом таому нӯшокӣ фармоиш медиҳед? Фармоиши мизоҷро чӣ хел қабул кардан лозим?



3. Ҳарфи садоноки партофташударо нависед. Маънои калимаҳоро фаҳмонед

Н...н аст роҳати мо,
Н...н аст қуввати мо.
Н...н аст ҷони одам,
Н...н аст давлати мо.



**4.** Нависед. Ҳарфҳои афтидаро ёбед.

Ват...ни мост obод,
Ват...ни мост озод,
"Ват...н" гӯему хонем,
Ват...н зи мо шавад шод.

**5.** Шумораи овоз ва ҳарфҳои калимаҳои додашударо муайян кунед. Аз калимаҳои додашуда сабзавот ва меваҳоро ҷудо кунед:

анор, картошка, сабзӣ, ананас, хурмо, помидор, себ карам, лаблабӯ,

афлесун, банан, пиёз.



**6.** Калимаҳоро нависед. Ба зери ҳарфҳои садонок хат кашед. Садонокҳо чӣ хел талаффуз карда мешавад? Чӣ хел навишта мешавад?

Нахӯд, нок, бодринг, каду, сабзӣ себ, мандарин, лимон, карам.

Дар кафе ба кадом қоидаҳо риоя кардан лозим?

Худидоракунӣ дар кафе.




**көкөністер**
**сабзавотҳо**
**овощи**
**vegetables**

# Дарси 160 Овоз ва ҳарфҳои садонокро муқоиса кунед.



**1.** Хонед.

## Каримҷон аз кардааш пушаймон

Рӯзе ман аз мактаб омадам, ки гунҷишкаке дар рӯи ток нооромо чирик-чирик мекард. Дар ҳамон ҷо лонаи гунҷишк вайрон гашта буд. Ман аз додарам пурсидам, ки ин лонаро кӣ вайрон кард.

**ўл бала**
**писарбача**
**мальчик**
**boy**

– Ман – гуфт беибо. Барои чӣ?

Модарам як табақ гандум бароварда, рӯи ҳавлӣ гузошта буданд, ногоҳ он гунҷишк омада, дона хӯрд. Ман як санг задам, ӯ аз назди лонааш рафт, пас бо нӯги чӯб хонаи онро зада вайрон кардам.



– Укоҷон – гуфтам ман, – гунҷишк паррандаи фоиданок аст.

Ҳамеша дар хотир дор, ки замину боғҳои моро аз ҳар гуна ҳашорати зараррасон тоза мекунад.

– Чӣ хел?– боз пурсид.

– Ҳамин хел, бо нӯлаш мегираду фурӯ мебарад, ё ки ба бачаҳояш бурда медиҳад. Каримҷон дуру дароз ба лона ва гунҷишки хонавайрон нигоҳ карда, маъюс шуд. Маълум буд, ки ӯ аз кардааш пушаймон аст.

Саволҳо:

1. Рафтори Каримҷонро мушоҳида кунед. Оё рафтори Каримҷон дуруст аст?
2. Аҳамияти паррандаро шарҳ диҳед. Чаро паррандагонро дӯстони болдори хуб мешуморем?
3. Дар атрофи дастурхон чӣ гуна муносибат кардан лозим аст?

**5.** Ребус.



# Дарси 161 Тартиб додани ретсепт

**1.** Хонед. Бачаҳо саҳарӣ ба нонӯшта чӣ мехӯранд?





Шодия дар Қазоқистон зиндагонӣ мекунад. Ӯ ба нонушта чой ва ширбиринҷ мехӯрад.

Таня дар Россия истиқомат мекунад. Ӯ ба нонӯшта қаҳва ва шавла мехӯрад.

**2.** Шумо ба нонӯшта ва хӯроки бегоҳӣ чӣ мехӯред? Аз дӯстон пурсед.




**3.** Мушоҳида кунед ва гӯед, ки чӣ гуна бояд хӯрок хӯрд.

Дар номи кадом навъи хӯрокҳо овози "Ш"-ро мешунавед:

шӯрбо, шавла, ширибиринҷ, шалғамшӯрбо, мошбиринҷ.

**5.** Хонед.

## Шӯламош

– Ин чӣ бӯи хӯш?
– Бӯи шӯламош!
– Кӣ мепазад ош?
– Лолаи додош.

Кафгир ба дасташ,
Дамгир ба дасташ,
Лола пазад ош,
Оши шӯламош

Дасти рӯи ӯ,
Банди мӯи ӯ,
Аз алаву дуд,
Ҳама сияҳ шуд.

Лола ба инҳо,
Кай кунад парво,
Вай мепазад ош-
Оши шӯламош.

Бӯи хӯши он –
Оши шӯламош,
Ҳамаро маст кард,
Сари дег овард.

Косаю табақ
Қатор-қатор шуд,
Толибони ош
Хеле бисёр шуд.

Оши бомаза,
Зуд бишуд тамом,
Таърифаш дорад,
Ҳоло ҳам давом!

*С. Гулчеҳра*

**6.** Барои таоми шӯламош пухтан чӣ гуна маҳсулот лозим.

Ин сабзавотҳоро кӣ ба ошпаз дастрас мекунад. Деҳқон ва боғбон кист?

Кадом миллатҳо оши палавро хӯроки миллии худ мешуморад?

# Дарси 162 Тайёр намудани салатҳои мевадор



**1.** Ретсепти тайёр намудани салатҳои мевадорро хонед.

Роҳи тайёр намудани салатҳои мевадорро гӯед.

Аз расмҳои додашуда барои тайёр кардани салат меваҳоро интихоб кунед ва нависед.

Маҳсулотҳо:

1. Себ
1. Афлесун
1. Банан
1. Қулфунай
1.1 стакан йогурт



табақ
корд
қошуқ
тахтача
лаълӣ

Дар вақти тайёр намудани салатҳо ба кадом қоидаҳо гигиена бояд риоя кард?



**2.** Бозии “Якто-бисёр”

корд – кордҳо ситора – ситораҳо
табақ – табақҳо моҳӣ – моҳиҳо
қалам – қаламҳо дарахт – дарахтон
супориш – супоришҳо бозича – бозичаҳо
кӯдак – кӯдакон фасл – фаслҳо
вохӯрӣ – вохӯриҳо чӯҷа – чӯҷаҳо

**4.** Ошпаз чӣ гуна таом тайёр кард?Ӯ киро ҳайрон кард? Ба ошпаз кӣ офарин гуфт?

## Ошпаз

Медонед, ман ин бегоҳ
Картошка бирён кардам!
Модарамро ба ин кор
Ба ростӣ, ҳайрон кардам.

Гуфтам: “Омадед аз кор?
Сари дастархон шинед!
Картошка бирён – тайёр,
Канӣ, чашида бинед ”.
Аз хурсандӣ модарам,
Ҳар дам офарин мегуфт,
Намаку мурч пошида,
Хӯроки ширин мегуфт.

*(Акбар Қодирӣ).*

**5.** Дар бораи фаъолияти ошпаз маълумот диҳед

Тарзи тайёр кардани орзуқро(баурсақ) муайян кунед:





## Дарси 163 Нақл аз рӯи расм

**1.** Хонед.

### Нон



Зеби дастархони мо,
Ҳурмати меҳмони мо.
Обрӯю эътибор,
Қуввату дармони мо.
Резаҳоятро чида,
Ман мемолам ба дида,
Дил ҷӯш занад беқарор.
Нони гармро чашида,
Ҳаловати ҷон аст нон,
Қуввати дармон аст нон,
Зеби дастархон аст нон,
Меҳнати деҳқон аст нон.

*(Нӯъмон Розиқ).*

Дар ин шеър сухан дар бораи чӣ меравад?

Нон чӣ гуна тайёр мешавад?

**3.** Кӣ бештар ва тезтар калима месозад:

мак то таб шу дар
Ки ҳиш тоб то ма
Ло ҷик биш рик мо

(мактаб, торик, мола, хола, шумо, модар, китоб, тоҷик, тобиш)

**4.** Тезгӯяк.

Лола ба хола меравад,
Ба гули лола меравад.
Лола, лола, ҳаӣ лола!
Булбул омад ба нола.

**5.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳиҷоҳои партофташударо нависед.

Ӯ бачаи (бо) ғайрат аст. Ҳамеша (бо) ғайрати калон кор мекунад.

Ин бача (бо) тартиб аст. (Бе) тартибу интизом кор пеш намеравад.

Ӯ ба ман рафиқи (ҳам) дам аст.

**6.** Хонед.

Бар-ра-ча, о ба-ра-ча,
Кал-ла-ча-ат ка-ду-ча!
Ду чаш-ма-кат о-лу-ча!
Ин ла-ба-кат гул ба-рин,
Он ла-ба-кат гул барин.
Овоза-ки фо-ра-мат,
Хо-ни-ши бул-бул ба-рин.

**шай**
**чой**
**чай**
**tea**

Калимаҳоро бо ҳиҷо хонед

бар-ра-ча
кал-ла-ча
чаш-ма-кат
фо-ра-мат
бо-ғай-рат
бо-тар-тиб



# Дарси 164 Дар рӯзаки тобистон

**1.** Хонед.

– Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ,
Чиро хона меорӣ?
Аз паи як ду дона,
Дона барам ба хона
Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.

Оруяк, эй оруяк,
Оруяки хушрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ?
Куҷо ту сафар дорӣ?
– Равам ба сӯи саҳро,
Овардам шаҳди гулро.
Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.

Санҷобак,эй санҷобак,
Санҷобаки камхобак,
Ин қадар мешитобӣ,
Ин қадар чӣ мекобӣ?
– Мағз барам ба хона,
Аз шоха як-ду дона.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.







Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Бачаяк аз мӯрчаяк чӣ мепурсад?
Мӯрча чӣ ҷавоб медиҳад?
Аз оруяк чӣ мепурсад?
Оруяк чӣ ҷавоб медиҳад
Аз санҷобак чӣ мепурсад?
Санҷобак чӣ ҷавоб медиҳад?

**ара**
**занбӯр**
**пчела**
**bee**

– Каламушак, каламушак,
Каламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ,
Чӣ аз замин меёбӣ?
– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



**3.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Аз каламушак чӣ мепурсад?
Каламушак чӣ ҷавоб медиҳад?

**4.** Нависед ва хонед.

Таронаҳо мехонам,
Мадҳу сано мехонам,
Кӣ мехӯрад тобистон,
Ғами рӯзи зимистон.

**құстар**
**птицы**
**паррандаҳо**
**birds**

**5.** Калимаи “зимистон-ро” ҷудо кунед.



# Дарси 165 Ҳиҷо

**1.** Хонед.



Рӯбоҳи фиребгар ва бузи сода. Рӯбоҳе бисёр ташна монд ва назди чоҳе рафту андар он ҷаҳид ва серӣ об нӯшид. Баъд кӯшиш кард, ки барояд, лекин натавонист. Ҳамин вақт барои обнӯшӣ бузаке омад. Вай рӯбоҳро дар чоҳ дида пурсид: – Ҳамсояҷон, оби чоҳ ширин аст?

Рӯбоҳи маккор гуфт: – Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. Барои ҳамин ҳам, чунон ки мебинӣ, аз ин ҷо баромадан наме-хоҳам. Бузаки ҷингилапо ба сухани дурӯғи рӯбоҳи фиреб-гар бовар карда ба чоҳ ҷаҳиду ба серӣ об нӯшид. Баъд хост, ки барояд, натавонист.

Рӯбоҳ гуфт:

– Аз об хуб сер шудӣ? Биё, акнун сари ду по исто ман, боло бароям ва баъд туро ҳам кашида барорам.

Бузи сода сари ду по истод. Рӯбоҳи маккор ба гардани буз баромад ва баъд берун ҷасту рафтан гирифт. Бузи бечора зорию тавалло кард:

– Маро ёрӣ деҳ, маслиҳатамон чӣ буд?

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй бузи беақл, пеш аз фуромадан ба чоҳ бояд илоҷи баромаданро фикр мекардӣ .Акнун чӣ хеле кӣ мехоҳӣ, ҳамон хел баро.

**2.** Чаро афсона ” Рӯбоҳи фиребгар ва бузи сода ” номида шудааст?

Шумо аз ин ба чӣ хулоса омадед?

**3.** Калимаҳои зеринро бо тартиб гузошта, як ҷумла созед ва нависед: бисёр, монд, рӯбоҳе, ташна.

Ҷумларо ин тавр сар кунед:
Рӯбоҳе...

**4.** Аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳо созед:

шавла, лаклак, рӯбоҳ, кабутар, миз.



**құстар**
**птицы**
**парандаҳо**
**birds**

**5.** Чистон.

Чор сихи оҳанин,
Миёни гушти равғанин. *(кабоб)*

Ба ҳиссачаҳо ҷудо шудани калимаро ҳиҷо меноманд.

## Дарси 166

# Аз сатр ба сатр гузарони-дани калимаҳо

**1.** Хонед.

Ҷа - ми - ла хо - на ме - рӯ - бад ва су - руд ме - хо - над:

... Ана мебинед,
Ҷорӯб дар дастам.
Бо ин ҷорӯбам,
Хона мерӯбам...

*(М.Миршакар).*

**шыны**
**пиёла**
**чашка**
**cup**



**2.** Ҷамила чӣ кор мекунад? Ҷорӯб барои чӣ лозим аст?

Оё шумо чангҳои хонаро тоза мекунед? Ба гулдонҳо об мерезед?

Калимаҳоро аз сатр ба сатр гузаронед:

| | | |
|---|---|---|
| чӯҷа | доно | баҳор |
| фиреб | девор | ҷорӯб |
| суруд | хона | рӯфтан |

**3.** Кроссворд.

Аз расмҳо истифода бурда катакчаҳоро пур кунед.




1.  . 




4.  3. 

**4.** Ҳарф гум шудааст.

☐ риф, ☐ бид, ☐ фт ☐ б, ☐ б, ☐ лим.

**5.** Шеърро аз ёд кунед .

Модари ман-меҳрубон,
Модари ман-ҷисму ҷон.
Ман ҳам кунам ба модар
Меҳрубони ҳар замон.

*(С.Ашӯр)*

6. Лотобозӣ.

Аз ҳиҷоҳои додашуда калимаҳо созед.

Ба, бе, бу, би, / бача, баланд, базеб, берун, беақл, бузург, бино/

# Дарси 167 Хондани саргузаштҳо

бақша
боғ
сад
garden

**1.** Хонед.

## Боғ

Бобои Латиф боғбон аст. Дарахтони парваридаи ӯ ҳосили хуб медиҳанд. Ману Наргиза барои бобо чою нон мебарем. Бобо раҳмат мегӯяд. Сайри боғ ба мо маъқул аст.



**2.** Оё шумо боғ доред? Дар боғи шумо чӣ гуна дарахтон ҳаст? Онҳоро номбар кунед. Аз меваҳо чӣ гуна салат тайёр кардан мумкин аст?

Баръакс хонед. (аз рост ба чап).

Шом-мош, муш-шум, шир-риш.

**3.** Хонед.

## Танбал

Марде дар сояи дарахте мехобид. Як мор хазида ба пойи он мард наздик шуд. Роҳгузаре морро дида саросема он мардро садо кард:

Бародар, наздики поят мор аст, хез шояд газад!

Марди танбал аз ҷояш наҷунбида гуфт:

Он мор наздики кадом поям аст, пойи чап ё рост?



**4.** Мазмуни ҳикояро нақл кунед:

Мор чӣ гуна хазанда аст?

Танбалӣ чӣ гуна хусусияти инсон аст?

**5.** Ҳарф афтидааст.

а ☐ о, ☐ им, ☐ оро, ☐ оҳиб, Во ☐ ит.

Дарси 168

# Овозҳои ҳамсадо ва ҳарфҳо

1. Хонед.

## Шодиҷони ман

Шодиҷони ман
Меҳрубони ман,
Дардат набинад,
Ҳаргиз ҷони ман.
Лола расида,
Сабза дамида,
Чун гул хандида,
Шодиҷони ман.
Боди баҳорон,
Ҷон шуд дар ҷаҳон,
Ҷони ман бошад,
Шодиҷони ман.

*Садриддин Айнӣ*

**2.** Ҳиҷо илова карда калима созед.

Ях. . . . . . (-дон, -мос, -пир-)
Як. . . . . . (-ранг, -лухт, -дилӣ)
Соя. . . . . . (-бон, -гӣ, ҳам– )

Номи хӯроквориҳоро номбар кунед, ки бо ҳарфи ҳамсадо оғоз ёбад.



**4.** Дар зери сутуни якум калимаҳое, ки бо ҳамсадои ҷарангдор сар мешаванд нависед. Дар зери сутуни дуюм бошад, калимаҳое, ки бо ҳамсадои беҷаранг оғоз меёбанд, нависед.

**5.** Номи меваҳоро нависед. Овозҳои ҳамсадоро нишон диҳед.



**6.** Аз ҷуфти ҳамсадоҳо истифода бурда калимаҳои нав созед:

Д-Т, Б-П, Г-К, Ж-Ш.

**7.** Хонед.

Дар хо-на пис-та-и нағз,
Пис-та-и нағзи пур-мағз.
Кам-тар аз он ги-риф-там,
Кам-тар бо-дом ги-риф-там.

# Дарси 169 Паррандаҳо – дӯстони мо

1. Матнро хонед ва мазмунашро гӯед.

Паррандагонро одамон дӯсти болдори худ меноманд. Ин ҷонваракон ҳашаротҳои зараррасонро нест карда, ҳосили кишт ва боғу токзорҳоро аз нобудшавӣ нигоҳ медоранд. Дар ҷумҳурии мо зиёда аз 250 намуди паррандаҳо ҳаст, ки як қисмашон тамоми фасли солро дар ҳамин ҷо мегузаронанд. Қисми дигар бо саршавии хунукӣ ба ҷойҳои гарм парвоз карда, баҳорон боз бармегарданд. Парандаҳо ранги базеб ва овози форам доранд.



2. Шеърро азёд кунед.

### Бузак

Рӯзе бузак ришашро,
Дар оби ҷӯй дид.
Тоза аҷоиб будаст!
Бигуфту хандид.

*(Наимҷон Назирӣ)*

қарлығаш
фароштурук
ласточка
swallow

**3.** Хонед.

## Рӯбоҳ ва ангур

Рӯбоҳи гуруснае бар токе назар кард. Дид, ки хушаҳои ангур пухта ва рангин. Вале ток хеле баланд буд. Рӯбоҳ ҳар қадар кӯшиш кард ва ҳар ҳилаеро, ки ёд дошт, ба харҷ дод, аммо афсӯс. Натавонист, ки донае чинаду хӯрад. Вақте дид, ки дигар ҳеҷ коре карда наметавонад, маъюс шуд ва худ ба худ гуфт:

Эҳ, чаро ман худамро ғам медиҳам. Охир, ин хӯшаҳои ангур ҳанӯз хом ва туршанд.



**4.** Рӯбоҳ ба чӣ назар кард? Рӯбоҳ худ ба худ чӣ гуфт? Ангур дар куҷо мерӯяд.

**5.** Аз рӯи расми боло ҳикояро нақл кунед ва саҳнача гузоред.

# Дарси 170

# Нақл аз рӯи расм

1. Аз рӯи расмҳо матн созед.

**мысық**
**гурба**
**кошка**
**cat**



**2.** Ҳарф гум шудааст.

Гур ☐ а, хо ☐ а, бо ☐ о, гун ☐ ишк, с ☐ б.

**3.** Онҳо чиро дӯст медоранд?

| | |
|---|---|
| хирс | торт |
| кӯдак | асал |
| гурба | муш |
| кафтар | себ |

**4.** Афтиду тит шуд, ҷо ба ҷо кунед.

р с / х = хурӯс / у ӯ

р / д а х = дарахт / т





**5.** Ҳарфҳои мувофиқро нависед.

Но...а, хо...а, мо..., жо...а

**6.** Нависед. Ҳарфҳои партофташударо ёбед.

адио, ама, ш т р, ол,, ор, д д.
м сича, т т, ш м, г рг, м рғ.

**дәптер**
**дафтар**
**тетрадь**
**notebook**

**7.** Хонед.

## Китоби хоно

... Аз ин китоби хоно,
Аз расмҳои зебо,
Ҳарфи бисёр омӯхтем,
Мо гапу кор омӯхтем.

Чистону таронаҳо,
Гулчини афсонаҳо,
Ҳар чӣ ки хостем мо,
Ёфтем аз Алифбо.

*(Меҳмон Бахтӣ)*




**8.** Дониши худро санҷед.

Ало –
шер –
таъна –
баъд –

## Дарси 171 Нонӯшта

**1.** Хонед.

### Рӯи дастархон

Гирди дастархон
Овард Машаҷон.
Таоми бисёр,
Косаҳо қатор.
Барои Ҳушёр-
Гӯштаки бисёр.

Барои Мошон-
Шири фаровон.
Барои Чипор –
Донаи анор.
Бахри Мишаҷон.
Тухмаки бирён.

**дастарқан**
**дастархон**
**скатерть**
**tablecloth**



**2.** Чистон.

Зарра-зарра меборад,
Ситорача ҳам дорад. *(барф)*

**3.** Ҳарф гум шудааст.

☐ оҳӣ, ☐ ор, ☐ актаб.

**4.** Панд.

Ростгӯи хислати хуби инсон аст.

**5.** Шеърро аз ёд кунед.

## Муборак

Муборак бод,
Китоби гулдор
Ҳамеша онро,
Тоза нигаҳ дор.

Ба ту китобат
Дониш физояд,
Роҳи ҳаётат,
Равшан намояд.

Ба шавқу шодӣ,
Равӣ дабистон,
Бихон ба кӯшиш,
Панди бузургон.

Бо роҳи онон,
Равон шавӣ ту,
Фарзанди некӣ,
Замон шавӣ ту.

*(Ҳабиб Фақир)*






**6.** Кроссворд.

Ба саволҳо ҷавоб дода катакчаҳоро пур кунед.

1. Номи одамро номбар кунед, ки бо овози “И” сар шавад.
2. Асбобе, ки бо он ниҳол пайванд мекунанд.
3. Мо ба кадом дин итоат мекунем.



*Ҷавоб*: (Икром, искана, ислом)

**7.** Тезгӯяк:

Мурод муруд хӯрд,
Қурбон қурут.

8. Меҳрубонона талаффуз кунед.

Қошуқ-қошуқча, лаганд-лагандча, сачоқ-сачоқча, гул-гулча, гулдон-гулдонча, олу-олуча, саб-себак, булбул-булбулак.

9. Зарбулмасалу мақолҳо.

Об манбаи ҳаёт аст.
Олими беамал, занбӯри беасал.
Одами беилм– кӯри роҳ.

**10.** Аз рӯи расм нақл кунед.

   

**11.** Шеърро хонед.

**жүзім**
**ангур**
**виноград**
**grapes**

## Ман Алифбо мехонам

Ман Алифбо мехонам,
Бурро-бурро мехонам.
Алифбои суратдор,
Сураташ ҷудо бисёр.
Қад-қади роҳи калон,
Бачаҳо шоду хандон.
Сӯи мактаб меравaнд,
Мурғобиҳо медаванд.

(У. Раҷаб)

**12.** Шеърро бурро хонед.



Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяку хушрӯяк,
Дар панҷааш шохчаҳо,
Дар болои буттаҳо,
Нишаста бозӣ мекард,
Хуб нағмасозӣ мекард.






**13.** Чистонҳо.

Бузе дорам бозингар,
На дил дорад на ҷигар. (рубоб)



Думаш нарму мулоим,
Вале мӯйҳояш заррин.
Макони ӯ дар беша,
Фиребгар ҳаст ҳамеша. (рӯбоҳ)



**14.** Аукциони ҳиҷоӣ.

Номи одамонро номбар кунед, ки бо ҳиҷоҳои “Са”, “Со” (Собир, Собит, Солеҳ, Саҳоб, Салима) сар шаванд.

**шөп**
**алаф**
**трава**
**grass**

# Дарси 172 Одоби таомхӯрӣ

1. Хонед ва кӯшиш кунед, ки одоби таом хӯрданро риоя намоед.

### Одоби таом хӯрдан

Аввал бисмиллоҳ гӯй;
дуюм, пеш аз таом дастатро шӯй;
сеюм, таом ба дасти рост хӯр;
чорум, аз пеши худ хӯр;
панҷум, ба луқмаи касе нигоҳ накун;
шашум, аз гӯшаи табақ ё коса хӯр;
ҳафтум, таомро пок хӯр;
ҳаштум, агар луқма афтад бардор;
нӯҳум, агар олуда шуда бошад, пок карда хӯр.

*(Ҳ.В.Кошифӣ)*



**2.** Шеърро ифоданок хонед.

Аммо хӯрокро,
Аввал хӯрад ӯ.
Албатта сонӣ,
Шӯяд дасту рӯ.

*(Б.Фаррух)*

**тағам**
**таом**
**блюдо**
**meal**

**3.** Тезгӯякро хонед.

Сад санг ба се санг.

Шеърро хонед. Мазмуни шеърро нақл кунед.

Эй ҷӯраҷон, зуд биё,
Равем ба хонаи мо.
Ба ту нишон медиҳам,
Ман ғалатӣ тамошо.

Дорам бузи нағмагар,
Бузичаи бозингар.
Албатта ҳайрон шавӣ,
Ту ӯро бинӣ агар.



Дигар дорам майдакак,
Мусичаи нағзакак.
Ба ӯ бахшида хонам,
Ду-се мисраъ байтакак

"Мусичаи бегуноҳ,
Рӯи сандалӣ баро.
Думатро қайчӣ кунам,
Нӯлатро мучӣ кунам."

*(Р.Озод)*

**5.** Чистонро ёбед.

Танӯри тафсон,
Кулчаи хандон,
Лаълии марҷон!
Чист, ҷӯраҷон? *(Офтоб)*

**дос**
**дӯст**
**друг**
**friend**

**6.** Аз рӯи расм ҳикоя кунед.



# Дарси 173 Хӯрок хӯрдани ҳайвонот

**1.** Ҳайвонҳои зеринро номбар кунед.



**2.** Дар расм чӣ гуна ҳайвонҳо тасвир шудаанд?



**3.** Тавсифи овозу ҳарфҳои калимаҳои хирс, паланг, шер, рӯбоҳ, гург, оҳу.

**4.** Калимаҳои зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед: зарофа, тимсоҳ, каркедон.

**қасқыр**
**гург**
**волк**
**wolf**

**5.** Шеърро хонед.

Шереро дида дар роҳ,
Давид аз пасаш рӯбоҳ.
Гуфта шоҳи бешазор,
Ба ҳарфакам гӯш бидор.

Ба ин роҳат марав пеш,
Хубаш гард бо изи хеш.
Зеро дар паси кӯҳсор,
Сайёд туро интизор.

**6.** Диктант.

## Китоб

Китоб дӯсти инсон аст. Падарам ба ман китобча харида дод. Ман онро дар ду рӯз хонда тамом кардам. Китоб ба одам дониш медиҳад.



**7.** Чистонҳо.

Банди дарози дилрабо,
Меравад ба гирди дунё. (роҳ)
Даҳон дораду забон надорад,
Сад чӯб занӣ,фиғон надорад.(моҳӣ)
Ба ман бовар намоед,
Ба наздикам наоед,
Намебинед, ки ман ҳам,
Ба сурат чун палангам. (гурба)

**ит**
**собака**
**саг**
**dog**

8. Дониши худро санҷед.

Ҳарф гум шудааст, кӯмак расонед.
Ба т, дара т, а бор, и тиёр, она.

**9.** Хонед ва нақл кунед.

## Муши баднафс

Муше чанд сол дар дӯкони хоҷаи баққол буд ва аз нақлҳои хушк ва меваҳои тар фаровон мехӯрад. Ҳоҷаи баққол инро медид ва чашм мепӯшид ва мушро ҷазо намедод.



Рӯзе нафси бади муш аз ҳад гузашт ва ҳамёни ҳоҷаро бибурид ва ҳар симу заре, ки дошт, ба хонаи худ кашид. Чун хоҷа ба вақти зарурат даст ба ҳамён бурд, ҳамёни худро холӣ ёфт. Донист, ки он кори муш аст. Гурбавор камин кард, мушро дошт ва риштаи дароз дар пои ӯ баст ва бигзошт, то ба сӯрохи худ дарун рафт. Хоҷа ба андозаи ришта қаъри хонаи мушро бидонист. Аз дунболи ӯ он сӯрохро биканд, ба хонаи вай расид. Хонае дид, ки пур аз симу зари сурху сафед. Тангаҳои худро бигирифт ва мушро берун оварду ба чанголи гурба супурд. Ин буд ҷазои мушак дар ҷавоби ҳақношиносии худ.

**2.** Савол ва супориш.

Муш дар кучо зиндагӣ мекард?
Муш ҳамёнро чӣ кор кард?
Баққол мушро чӣ кор кард?

**3.** Ҳикояи “Муши баднафс”-ро бори дигар нақл кунед ва баъд шеъри зеринро хонед:

## Муш ва мусича



Муш бар мусича
Гуфто ҷураҷон,
Аз чӣ меҳрубон
Ба ту одамон?

Асло ба кас ман
Зиён наорам,
Ё нияти бад
Ба он надорам...



Мардум аз ин рӯ
Аз ту қимобанд,
Туро мекушанд,
Ҳар ҷо ки ёбанд.

*Наимҷон Назирӣ*

**тышқан**
**муш**
**мышь**
**mouse**

Муш аз мусича чӣ пурсид?
Мусича чӣ ҷавоб дод?

**4.** Нависед.

Асло ба кас ман
Зиён наорам.
Ё нияти бад
Ба он надоранд.

# Дарси 174 Дар тани сиҳат – рӯҳи сиҳат

**1.** Варзиши пагоҳӣ



Яку дую сею чор,
Дилҳои мо беқарор,
Ба машқи гимнастика,
Саф бастаему тайёр.
Биёед, хеста аз хоб,
Худро диҳем обутоб,
Варзиши мо бачаҳо,
Қувва диҳед беҳисоб.
Мо чолоку чаққонем,
Сӯи мактаб равонем,
Аз варзиши пагоҳӣ,
Ҳаргиз ақиб намонем.



**2.** Ребус.

 + дӯзӣ = Гулдӯзӣ

 + дӯзӣ = Тоқидӯзӣ

 + й = Моҳӣ

**доп**
**тӯб**
**мяч**
**ball**

# Дарси 175 Ҳикоя дар бораи варзиш




**спорт**
**спорт**
**варзиш**
**sport**

Кӣ солиму бардам шудан мехоҳад?

1. Ҳар пагоҳӣ барвақт аз хоб хезед ва ба варзиши бадан машғул шавед. Пас аз дуруст кардани ҷои хоб, шустушӯй кунед. Сачоқро тар карда, баданро сахт-сахт пок кунед. Машқҳои пагоҳирӯзиро 10 дақиқа давом диҳед.
2. Ба дарсҳои ҷисмонӣ бо либоси спортӣ иштирок кунед.
3. Вақтҳои истироҳати худро бештар дар ҳавои тоза гузаронед.
4. Аз хурдӣ ба мусобиқаҳои спортӣ иштирок кунед, он гоҳ шумо бемор намешавед ва умри дароз мебинед.

# Дарси 176 Саломатӣ ва қадри он



**1.** Ҷои расмҳоро аз рӯи мазмун навбат ба навбат гузоред.



Барои саломат будан чӣ бояд кард?

Кадом одатҳо барои саломатии одам зараровар аст?



**2.** Шеърро ифоданок хонед.

Тадбиру чора мекофт,
Кофта-кофта охир ёфт.
Болои роҳ дам андохт,
Худро мисли мурда сохт.

*(И.Раҳматов)*

Дар бораи саломатӣ чӣ медонед?

Ба зери сутунҳо нависед.

| Чиро медонем? | Чиро донистан мехоҳем? | Чӣ донистем? |
| --- | --- | --- |
| | | |



**3.** Бо ҳамроҳии падару модаратон дар бораи саломатӣ телепрограмма тамошо кунед.

Калимаҳои ба ҳам муқобилмаъноро интихоб кунед.

Рӯз, пешвоз гирифтан, бемор, хурд, ғам, гусел кардан, хурсандӣ, сиҳат, калон, шаб.

## Ҷӯ-ра-ҳо

Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи мо мехонанд. Онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд. Самеъ хуб шеър мехонад. Овозаш бурро ва баланд мебошад. Ҳамаи мо шеърро дӯст медорем.

**7.** Калимаи зеринро ба ҷои нуқтаҳо гузоред.

Гулдонро ба ... гузоштанд.
Муаллим ... нишон дод.
Илёс ... нахӯрд.
Дар оташ ... даргирифт.

(кунҷ, расм, ош, ҳезум).

**8.** Калимаҳоро аз рӯи намуна тағйир диҳед.

Аспҳо-асп,
Гунҷишкҳо – ...,
Оҳувон – ...,

кабутарҳо– ...,
мурғобиҳо – ...,
лаклакҳо – ...,

**ат**
**асп**
**конь**
**horse**



**9.** Аз рӯи расмҳои дар боло додашуда маълумот диҳед.

**10.** Диктант.

## Пагоҳӣ

Офтоб баромад. Боди форам мевазад. Одамон ба сӯи кор мешитобанд. Аз радио овози мусиқӣ шунида мешавад. (16 калима).



## Дарси 177 Машқҳои варзишӣ чӣ аҳамият доранд?



**1.** Варзиши саҳариро иҷро мекунем:

Яку дую сею чор
Дилҳои мо беқарор.
Дар машқҳои варзишӣ
Саф бастему тайёр.

Яку дую себ чор
Саф бастему мо тайёр.
Хонем тарона, ҷӯра,
Мо дӯсти физкултура.







**2.** Хонед ва нақл кунед.

### Гимнастика ва Машқ

Дар олами афсонавии варзиш ду дугонаҳои меҳрубон зиндагонӣ мекарданд. Номи якум духтарча Гимнастика ва номи дигарӣ Машқ будааст. Стадион ҷои вохӯрии онҳост.

Гимнастика ва Машқ бо духтару писарони ба стадион омадагӣ якҷоя шодию хурсандӣ мекарданд, меҷаҳиданд, медавиданд ва бозиҳо мекарданд.

Касе бо онҳо дӯст шавад, ба хунукӣ, беморӣ ва ғам парво намекунанд. Чунки обутоб меёбанд.

## Зоғи доно

Зоғе хеле ташна буд. Дар ҳавлие як кӯза дид. Парида омад, то об нӯшад. Аммо об дар кӯза кам буд. Зоғ ҳар қадар зӯр зад, нӯлаш нарасид. Медонед бачаҳо, зоғ чӣ кор кард? Зоғ доно буд. Илоҷи корро ёфт. Ӯ чанд дона сангча оварда ба даруни кӯза партофт. Об боло баромад. Зоғ бемалол аз он об нӯшид.





3. Аз ходимони тиббӣ оид ба пешгирии бемории грипп маълумот гиред.



4. Аз ёд кунед.

Ҳурмат кунед калонро,
Наранҷонед хурдонро.
Ҳисоби грамматикӣ.
Юнучқа – қа+с= Юнус
Юсуф – ю+а= Юсуфа
– Алла – ал+ю =юла
Юбка – юб+ ак =акка

**сауысқан**
**зоғ**
**ворона**
**crow**

# Дарси 178 Парвариши қадду қомат

1. Варзиши пагоҳӣ



сымбат
осанка
варзиш
posture

Ҳамеша қадду қомати худро рост нигоҳ доред.

**2.** Хонед.

## Па-ра-шют

Яку дую сею чор,
Ҳар чорашон ба ҳам ёр.

Юсуф, Юнус, Қайюм ва Аюб дар як синф мехонанд. Онҳо бо ҳамдигар ҷӯра мебошанд. Ҷӯраҳо варзишро дӯст медоранд. Ҳар чорашон далер ва нотарсанд. Онҳо худро бо парашют мепартоянд.

**3.** Варзиши овозӣ

Об аз хунукӣ чӣ мешавад? (ях)
Шумурданро аз чанд сар мекунанд. (як)

**4.** Ҳарф гум шудааст.

☐онак, н☐н, ☐ст, зар☐олу, д☐л, о☐дам, да☐т, с☐б, б☐р.

**5.** Бо як калима гӯед.

Мева ва шакар – мураббо
рӯзҳои хунук – зи□□□□□□
падар, модар, фарзанд – о□□□
хонаи парранда – ло□а

**6.** Хатоҳояшро ёбед.

Чумла, замбур, фарзанд, парранда, мактаб, ҳавз.

**7.** Ба ҳиҷоҳо риоя карда хонед.



Па-да-ри Шам-сия дар кор-хо-на кор ме-ку-над. Кор-хо-на ях-дон ме-ба-ро-рад. Ях-дон-ҳои “По-мир” хе-ле зе-бо-янд. Дар наз-ди кор-хо-на кӯ-да-кис-тон мав-ҷуд аст.

**8.** Калимаҳоро номбар кунед.

1. Кӯдак гурусна монад, чӣ кор мекунад? (гиря)
2. Дар рӯзи таваллуд чӣ медиҳанд? (ҳадия)
3. Тобистон гӯштро дар куҷо нигоҳ медоранд? (яхдон)
4. Аз офтоб худро бо чӣ паноҳ мекунанд? (соябон)

**тоңазытқыш**
**яхдон**
**холодильник**
**rebrigerator**

**9.** Ҳарф гум шудааст ёбед.

□хдон, со□бон, хоси□т, шико□т, □рма, □тим.

**10.** Аз ҳарфи я калимаҳо созед.

# Дарси 179 Шумо чӣ гуна обутоб меёбед?



денсаулық
здоровье
саломатӣ
health



Маслиҳати фоиданок. Якҷоя бо падару модар обутоб ёбед.

Обутоб ёфтани одам чӣ аҳамият дорад?

**2.** Одаме, ки дар оби хунук оббозӣ мекунад, чӣ меномад? Нависед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |

**3.** Кроссворд. Ба саволҳо ҷавоб дода, катакчаҳоро пур кунед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | К | | | | |
| | | И | | | | |
| | | Т | | | | |
| | | О | | | | |
| | | Б | | | | |

1. Он кадом парранда аст, ки нӯл пой ва гардани дароз дорад?
2. Номи шахс.
3. Асбоби дуредгарие, ки бо он ҳезум мекафонанд
4. Чизе, ки дар он шӯрбо мекашанд.
5. Номи ҳайвони хонагӣ.

Ҷавоб:(лаклак,Икром, табар, коса, барра)

**4.** Калимаҳоро муқоиса кунед.

Зимистон харгӯш сап-сафед, тобистон хокистарранг аст.

Қанд ширину қаламфур турш мебошад.

**5.** Зарбулмасал.

Аз некон – шарофат,
Аз бадон – касофат.

**6.** Муқоиса кунед.

## Ҳам ғизою ҳам даво.

Меваҳо: ангур, анор, анҷир, нок, шафтолу, себ, олу, чормағз, писта, тут, зардолу, лимӯ, олуболу, олуча, биҳӣ, марминҷон, хурмо, дулона, санҷид.



Сабзавот: сабзӣ, помидор, бодринг, карам, картошка, пиёз, шалғам, лаблабу, турб, каду, кашнич, шибит.



## Дарси 180 Матн тартиб додан

**1.** Ҷумлаҳои додашударо аз рӯи тартиб ва мазмун нависед. Ба матн мавзӯъ гузоред.

Боди форам мевазад. Офтоб баромад. Аз радио овози мусиқӣ шунида мешавад. Одамон ба сӯи кор метобанд.

**2.** Оид ба матн саволҳо фикр кунед, ки фақат ҷавобаш “ҳа” ё ки “не” шавад.

**3.** Хонед ва садонокҳоро муайян кунед.

Хестан, шустушӯ, нонушта, мактаб, дарсҳо, саёҳат, маҳфил, дӯстон, ванна, китоб.

**4.** Дар хотир нигоҳ доред.

Мусичаро бин,
Рафта дона чин.
Кафтар биовард,
Тӯти заминӣ.

*А.Шарифӣ.*



**5.** Ба калимаҳои зерин зада гузоред.
Зимистон, баҳор,
тобистон, тирамоҳ.

**көгершін**
**кабутар**
**голубъ**
**pigeon**

Равшантару сахттар садо додани яке аз ҳиҷоҳои калимаҳоро зада меноманд.

**6.** Шеърро аз ёд кунед.



## Бозичаҳо

Ҳамроҳи худ, падарҷон,
Баред маро ба кӯча.
Гиред аз бароям
Бисёр, бисёр бозича:

Як сагчаву як шерча,
Як аспчаву як хирсча,
Бахмалпӯшак гурбача,
Рангин, нақшин тӯтича.

*(Р. Озод)*

**7.** Шумо чӣ хел бозичаҳо доред, номбар кунед.



**ойыншықтар**
**игрушки**
**бозичаҳо**
**toys**

**8.** Аз калимаҳои додашуда ҷумла созед.

сагча, аспча, гурбача, тӯтича.

**9.** Хонед. Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои лозимиро гузошта, ҷумлаҳоро навишта гузоред.

## Оилаи мо

Оилаи мо... . Дар оилаамон модар, падар, бобо, модаркалон, хоҳар, додар ва ман... . Падар ба модарам дар ... кор мекунанд. Ман дар синфи ... мехонам.

Калимаҳо барои истифода: зиндагӣ мекунам, калон аст, мехонам. Намуна: Оилаи мо калон аст.

# Дарси 181 Барои саломатӣ чӣ фоидаовар аст?

**1.** Аз рӯи расм ҷумлаҳо созед



**тарақ**
**шона**
**расчёска**
**comb**





**2.** Аз калимаҳои додашуда садонокҳоро ёбед:

мактаб, хона, китоб, ошно, олим, муаллим, додар, хоҳар, оча.

**3.** Калимаҳоро хонед.

Харгӯш, гург, рӯбоҳ, шағол, барф.

**4.** Хонед.

## Афлесун ва себ

Модар дар табақча себ ва афлесун овард. Парвина як афлесунро гирифта пурсид:

– Афлесун, чаро мағзи ту тилим-тилим аст?

– Барои он ки ту маро танҳо нахӯрда бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.

Парвина себро пӯст карда пурсид:

– Эй себаки ширин, ман мебинам, ки ту яклухтӣ. Оё метавонам худам туро бихӯрам?

Себак ҷавоб дод:

– Не, ин барои он аст, ки ту маро яклухт ба дигарон диҳӣ.

– Бачаҳо, мумкин Парвинаро осон кунед: Ӯ то ҳоло ҳайрон аст, ки чӣ кор кунад.

алма
себ
яблоко
apple





**5.** Ауксиони ҳиҷоӣ.

Бо ҳиҷоҳои ма, мо, ме калимаҳо тартиб диҳед. / Мактаб, мактуб, модар, моҳӣ, меравам, мебинам, мева ... ./

## Дарси 182

# Шумо дар хона танҳо. Чӣ бояд кард?

**1.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред.

1. Мо ба . . . рафтем. 2. Ба . . . савор шудем. 3. Дар боғи . . . сайр намудем. 4. Муаллимон онҳоро . . . гирифтанд.

**2.** Аз калимаҳои додашуда садонокҳои безадаро нишон диҳед.

Чормағз, нок, қурбоққа, шаршара, чарогоҳ, шона, зебо, алафзор, помидор.

**алмуҷрт**
**нок**
**груша**
**pear**





**3.** Антоним.

Калимаи муқобилмаъноящро гӯед.

| | |
|---|---|
| нав – кӯҳна | рост – |
| нола – ханда | баланд – |
| нодон – доно | тарсу – |
| нағз – бад | хобид – |
| нишаст – хест | гиря – |
| нарм – сахт | шаб – |

**4.** Чистонҳо. Ба зери садонокҳои бе зада хат кашед.

1. Ин сӯ равам, мезанӣ,
Он сӯ равам, мезанӣ
Гуноҳи ман чист, ки
Шатта-шатта мезанӣ.
(элак).

2. Чароғи рӯи равзан,
Гоҳ торику гоҳ равшан.
(моҳ)



**доп**
**тӯб**
**мяч**
**ball**



**велосипед**
**велосипед**
**велосипед**
**bicycle**

**5.** Аз рӯи намуна матн созед.

Писарбачагони синфи мо дар стадиони мактаб футболбозӣ мекунанд. Дарвозабон якчанд бор тӯбро баргардонд. Тӯб дар майдони футболбозӣ як дақиқа ҳам ором наистод. Бозӣ хеле авҷ гирифт.



**6.** Шеърро ифоданок хонед.

Офтоб баро, ба рӯям,
Нуқрапӯпак ба мӯям,
Халқаи зар ба гӯшам,
Чойнаки чой ба пешам,
Рехта диҳам ба очам,
Очам гӯяд, балочам!

## Дарси 183

# Реҷаи рӯз



**1.** Реҷаи рӯзии худро аз рӯи расм нақл кунед. Оё реҷаи рӯз зарур аст?

балалар
бачаҳо
ребята
guys
















**2.** Зарбулмасалро хонед.

Ҳар касе, ки надонад
Ва надонад, ки надонад,
Дар ҷаҳлу ҷоҳилӣ,
Якумро бимонад.

Хонед.

**қол**
**даст**
**рука**
**had**

## Дастҳо

Аҷаб қудрате дорад дасти одам. Дасти одам заминҳои беҳосил-ро ба майдонҳои серҳосил табдил медиҳад. Кӯҳҳоро талқон мекунад. Пеши дарёҳоро мебандад. Дасти инсон шаҳрҳоро месозад, корхонаҳо бунёд мекунад.

Дасти одам аз ӯҳдаи ҳамаи корҳо мебарояд. Фақат онро ба корҳои нек одат кунонидан лозим.

**4.** Супориш ва саволу ҷавоб.

Дар хусуси дасти одам чиҳо гуфта шудааст? Дар бораи даст зарбулмасал гӯед.

Чаро дасти одамизодро ба гул монанд мекунанд?

**5.** Овози аввали ашёҳоро гиред, номи писараке ба миён меояд.



Ҷавоб: Ориф

# Дарси 184 Хондани ҳикояҳо дар бораи спорт



**1.** Хонед.

Хокро гирӣ, зар шавад!
Зарро гирӣ, хок шавад!
Ин гуфтаҳо чӣ фарқ доранд?



**2.** Нависед.

Паррандаҳо машварат карданд. Онҳо зоғро ба оташ партофтанд. Пару боли зоғ сиёҳ шуд.

**3.** Овози аввали номи ашёҳои тасвиршударо истифода намуда, калимаи пинҳоншударо ёбед.



Ҷавоб: 

шахмат
шоҳмот
шахмат
chess



**4.** Чистон.

Чист чун нордбон сурати ӯ?
Равиши ӯ манзили ҳабаш бошад.
Лашкараш савору пиёда сокин,
Ҳама бе ҷангу талош бошад? (шашка)



**5.** Чаро одами тандурустро шахси дар ҳақиқат сарватманд номидан мумкин аст?

Саломатӣ ҳолати сиҳатии пурраи маънавӣ ва ҷисмонист. Ҳавои тоза, оби тоза, хӯроки фоиданок, машғулият бо варзиш ба инсон барои нигоҳдории саломатӣ кӯмак мекунанд. Ба табиат бештар баромада, ба хониши паррандагон садои хиширроси баргҳо, шаршари оби тоза гӯш андозед. Яке аз сирри саломатӣ табъи хуш ва аз таҳти дил хандидан аст.



**6.** Маънои зарбулмасалро шарҳ диҳед.

Шахсе, ки тансиҳат аст, аллакай хушбахт аст.



**7.** Шеърро хонед.

## Баҳори кӯҳистон

Омад фасли баҳорон,
Пурлола шуд кӯҳсорон.
Мо бо шодӣ давидем,
Як доман лола чидем.

Кӣ ҳаст аз лола беҳтар?
Аз лола беҳтар – модар.
Ин лолаҳоро хандон,
Гиред аз ман модарҷон!



**8.** Супориш ва саволу ҷавоб.

1. Кӯҳсорон пур аз чӣ шуд?
2. Мо чӣ кор кардем?
3. Аз лола беҳтар кист?

**ай**
**луна**
**моҳ**
**moon**



**9.** Ребусро иҷро кунед.

Ҳам +  = ҳамхона

 + сор =кӯҳсор

 й – гир = моҳигир



**10.** Нависед.

Аз одами бекор – ҳама безор.

**Дарси 185**

# Кадом бозиҳои варзиширо дӯст медоред?

**1.** Аз рӯи сурат ҷумла созед.



ғам    ҳайрат    хурсандӣ    тарс

**2.** Хонед.



Рӯзе дар телевизор бозии футболро тамошо мекардем, ки додаракам ба шавқ омад:

– Ман футболбоз мешавам! гуфт ӯ якбора.
– Ҳамчун футболбоз тамоми оламро мегардаму тамошо мекунам!

3. Тезгӯяк.

Шаш сабад шафтолӯ,
Се сабад себ

**қақпа**
**дарвоза**
**ворота**
**gates**

**4.** Бо истифодаи аломати савол ҷумлаҳо созед. Аҳамияти аломати савол дар матн чӣ гуна аст?

**5.** Гӯед, ки овози кадом ҳайвон бо кадом ҳарфҳо талаффуз мешавад?



**жануар**
**ҳайвонот**
**животное**
**animal**

Асп– ио – о – о – о – о – о
гӯсфанд – ба – а – а – а
саг – ав – ав – ав –ав
хурӯс – қу – қу – қу – қу

**6.** Ҷумларо хонед, дар охири ҷумлаҳо чӣ аломат монда шудааст?

Мактаби мо ҳавлии калон дорад. Мо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтем. Оби ҳавз соф аст. Бачаҳо дар ҳавз оббозӣ мекунанд. Ҳабиб хеле оббоз аст. Ӯ нағз шино мекунад.

**7.** Аз ҳарфҳои аввали калима калимаҳои дигар созед, ки номи одамон бошанд.

| | | |
|---|---|---|
| г – Гулрӯ | | |
| ӯ – Ӯрун | х – | |
| с – Ситора | у – | а – |
| ф – Фирдавс | р – | с – |
| а – Анвар | ӯ – | п – |
| н – Нигина | с – | |
| д – Достон | | |



**1.** Калимаҳои зеринро бо тартиб гузошта ҷумла на-висед:

Мо, деҳа, ҷӯй, ба, омад, об. Калимаи “деҳа”-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.



**2.** Кроссворд.

1. Ба саволҳо ҷавоб дода катакчаҳоро пур кунед.
2. Сабзаворе, ки қабат-қабат печидааст ва ҳангоми бо корд реза кардан оби чашм мерезад.
3. Чизи хӯрдание, ки донакмонанд буда, даҳонаш во аст.
4. Сабзаворе, ки анормонанд аст.

(пиёз, писта, помидор)

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | п | | | | | | |
| 2 | п | | | | | | |
| 3 | п | | | | | | |





**3.** Саволаку ҷавобак.

– Номатон чист?
– Ҷаъфар.
– Номи падаратон?
– Неъмат.
– Аз кадом ноҳия омадед?
– Сариағаш.
– Аз он ҷо чӣ овардед?
– Гул.

**пияз**
**лук**
**пиёз**
**onion**

**4.** Хонед.

## Ватани мо – Қазоқистон

Дар шаҳри Москва як нависандаи фаронсавӣ аз ман пурсид:

– Шумо аз кадом давлат омадед?

– Аз Ҷумҳурии Қазоқистон, – гуфтам ман.

– Э, ман Қазоқистонро медонам, – гуфт ӯ бо хурсандӣ. – Як давлати калон, як мамлакати аҷоиб! Дар масоҳати вай панҷ Фаронса меғунҷад!

Бале, – гуфтам ман бо ифтихор.

Дашту биёбони қазоқ аз Алтайи сарватманд то канори Отирари дилписанд мерасад.

Сарзамини қазоқ аз тиллову нуқра, оҳану ангишт ва газ саршор аст.



**Отан**
**Родина**
**Ватан**
**Motherland**

Дар заминҳои ҳосилхези мо гандуму шолӣ, ҷаву арзан ва пунбаи сафеди барфосо мерӯяд. Қавму миллатҳои ҷумҳурии мо аҳлона зиндагӣ ва пурсамар меҳнат мекунанд. Мо ҳамнажод набошем ҳам, ҳамватан ҳастем. Ҷумҳурии Қазоқистон Ватани ҷоноҷони ҳамаи мост.

*М. Алимбой*

**5.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Чаро мо бо Ватани худ ифтихор мекунем?
2. Макони зиндагии шумо бо чиҳояш дилписанд аст?

# Дарси 186 Адаб бо бегонагон

**1.** Хонед.

Агар пурсанд, ки адаб бо бегонагон чанд аст, бигӯй: шаш. Аввал он ки ба ҳеҷ кас бо чашми ҳақорат нигоҳ накунад. Дуюм, худро дар миёни сухани эшон наяфканад. Сеюм, аз суханони ноҳамвори (нохуб) бегонагон худро ғофил созад. Чаҳорум, агар ношоистагӣ бинад, насиҳат кунад. Панҷум, шафқати худро ба бегонагон дареғ надорад. Шашум, то каси бегонаро шоиста наҳисобад, ба сӯҳбат роҳ надиҳад.

2. Бо истифодаи овози аввали ашёҳои тасвиршуда калимаи пинҳоншударо ёбед.



Ҷавоб: (Шакар)

**3.** Чистон.

Худаш дар кӯҳ,
Овозаш дар деҳ. (Хурӯс)

**4.** Антоними калимаҳоро оред.

Мулоим – . . . . .
Бедор – . . . . .
Аввал – . . . . .

Насия – . . . . .
Ширин – . . . . .
Гарм – . . . . .



**5.** Ҳикояро хонед.

## Саги чашмгурусна

Саге дар пеши дӯкони қассоб устухоне ёфту саросема ба даҳонаш гирифта гурехт. Якчанд саги дигар аз пасаш давиданд. Саг бо тамоми қувваташ худро ба тарафи дарё заду аз кӯпрук гузашта истода, назараш ба об афтод. Дид, ки саги дигар як устухони калонро ба даҳон гирифта баробари ӯ медавад. Ин акси худи вай буд.

– Оҳо, устухони вай аз устухони ман калонтар – ку! –аз дил гузаронд саг ва устухонашро партофта худро ба об андохт. Устухон ҳам ҳамроҳи ӯ ба об рафт. Оби дарё тез буд, саги чашмгурусна бо сад азоб шино карда, фаҳмид, ки аз ин мондаву аз он ронда шудааст.

**6.** Савол ва супориш.

Саг чӣ ёфт?
Вай дар дарё чӣ дид?
Чаро саг худро ба дарё андохт?



**7.** Аз рӯи расм нақл кунед.



**қант**
**қанд**
**сахар**
**sugar**

# Дарси 187 Рафиқи бевафо



**1.** Ҳикояро нақл кунед.

Ду рафиқ буданд: яке Одил, дигаре Саид. Маслиҳат карда ҳар ду ба сафар баромаданд. Дар роҳ ба онҳо саги дайдуе ҳамроҳ шуд. Ҷӯраҳо ҳар ҷо, ки нишаста ғизо мехӯрданд, порае нон ва ё устухоне ба саг мепартофтанд. Рӯзи сеюм роҳзанҳо ба онҳо ҳуҷум карданд. Саид, ки буздилу тарсу буд, гурехт. Одил натарсид, балки худаш танҳо муқобили роҳзанҳо ҷангид. Саг тарафи Одилро гирифт. Ҷаҳида пои яке аз дуздонро газид. Пои дигареро ҳам хуншор кард. Роҳзанҳо гурехтанд.



Одил бо саг роҳашро давом дод. Саид аз куҷое пайдо шуд, изҳори пушаймонӣ карда нон хост.

Одил нонро ба саг дод ва гуфт: “Аз рафиқи бевафо саги бовафо беҳтар”.

адам
человек
одам
people

2. Исмҳоро муайян кунед.





3. Бо иловаи ҳиҷои “ча” калимаро тағйир диҳед.

Хона, олу, ширин, арра, духтар.

Калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед:

Одамон: талаба, . . .

Ҷиҳозҳои хона: диван, . . .
Асбобҳои рӯзғор: дег, . . .
Ҳайвонҳо: саг, . . .

қаз
гусь
қоз
goose



**5.** Хонед.

## Қоз ва турна



Қози фарбеҳу паррехтае дар соҳили кӯл дам мегирифт. Ноҳост аз куҷое турна пайдо шуд. Турна дар нисбати қоз харобу лоғар менамуд. Қози мағруру худписанд турнаро масхара кардан гирифт.

Аҷаб харобу лоғар ҳастӣ, пӯсту устухон! Гӯё тамоми тобистон чизе нахӯрдаӣ...

Дар ҳамин вақт ҳардуяшон шикорчиеро диданд, ки милтиқ дар даст поида-поида ба онҳо наздик мешуд. Турнаи чаққон дар як он аз ҷой ҷаста парид.

Қози фарбеҳ то қанотҳояшро кушода, ба бол задан даромад, ки садои тир баланд шуд.

Ҳамин тавр қози сергӯшту серравған дар соҳили кӯл монду турнаи лоғар ба осмон парвоз кард.



**6.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Чаро қоз турнаро масхара мекард?
Баъди омадани шикорчӣ чӣ воқеа рӯй дод?
Дар ин ду паранда кадом нишонаҳои фарққунанда ҳастанд?



**7.** Нависед.

Қози мағрур турнаро масхара кард.

# Дарси 188 Кадом бозиҳои варзиширо медонед?



**1.** Кадом калимаҳо ба саволҳои кӣ? ва чӣ? ҷавоб мешавад?

Моши__а, кӯ__ак, ка__ам, гӯ__, со__ун, кали__а, му__икӣ, са__ол, гу__, хи__с.



**2.** Чистонҳо.



Дасту по надорад,
Расми туро мекашад. (ойина)



Санги сурхе ба дастам,
Ана онро шикастам.
Аз гиряҳояш акнун
Шуд косаи пур аз хун. (анор)



Мехи заррин,
Таги замин. (сабзӣ)

**сәбіз**
**сабзӣ**
**морковь**
**carrot**



**3.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

| медавад | | истодааст | |
|---|---|---|---|
| кӣ? | чӣ? | кӣ? | чӣ? |



**4.** Дар охири ҷумлаҳо кадом аломатҳо монда мешавад?

– Рашид аз Москва омад
– Ситора чӣ кор кард.
– Ситора салом дод
– Офтоб бошад офтобаки хандонрӯ

. ? ! ,

**5.** Нависед.



Қобил кафтар дорад.
Кафтари сафед зебо аст.
Ӯ ба кафтар дон дод.
Қобил кафтарро дӯст медорад.

**6.** Ҳиҷоҳоро пурра хонед.

| | |
|---|---|
| Чор — во / а / мағз / кӯх | НО+4 = <br> БЕ + 4 + а = |

**автобус**
**автобус**
**автобус**
**bies**

**7.** Хонед.

## Маҳмуд ва Мансур

Талабагони синфи якум Маҳмуд ва Мансур ба автобус савор шуданд. Онҳо ҷой гирифта нишастанд. Дар истгоҳ ба автобус мӯйсафеде даромад.

Маҳмуд худро чунин нишон дод, ки гӯё касеро надида бошад. Мансур аз рафтори рафиқаш шарм кард. Ӯ зуд хеста, ҷояшро ба мӯйсафед дод.



**8.** Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

Оё рафтори Маҳмуд дуруст аст?
Бобо аз рафтори Мансур хурсанд аст ё не?

Дарси 189

# Шумо чӣ корҳо карда метавонед?

**1.** Аз рӯи расм нақл кунед. “Ман... карда метавонам”-ро истифода бурда ҳикоя кунед.

Ҳамроҳи худ падарҷон,
Баред маро ба кӯча.
Гиред аз бароям,
Бисёр-бисёр бозича.
Як сагчаву як шерча,
Як аспчаву як хирсча.
Бахмалпӯшак гурбача,
Рангин, нақшин тӯтича.



**2.** Амали мутахассисони зерин ба кадом савол ҷавоб мешавад?

Ронанда мошин меронад. Ошпаз таом мепазад. Духтур беморонро муолиҷа мекунад.

Калимаҳое, ки ҳаракат ё амалро ифода мекунад, ба саволҳои чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад? ҷавоб мешавад.

**3.** Ҷумлаҳои зеринро хонед.

Некӣ бимонад ҷовидон.
Некиро меомӯзем!
Бадиро бад мебинем!
Аз бадон мегурезем!
Мо бо некон мешинем!

қуыршақ
кукла
зоча
dall

**4.** Ҳикояро хонед. Мазмуни онро нақл кунед.

## Бибӣ ва бачаҳо

Дар ошёнаи панҷуми бинои ҳавлии мо пиразане зиндагӣ мекунад. Ӯро Шарифабибӣ ном аст. Вай зани танҳост. Чанд муддат боз бемор аст. Аммо бачаҳо ӯро танҳо намегузоранд. Доимо хабаргирӣ меоянд. Писарон аз дӯкон барояш хӯрокворӣ харида меоранд. Духтарон таомҳои бомазза мепазанд. Хонаашро рӯбучин мекунанд. Ҳамеша тозаву озода нигоҳ медоранд ва рӯзҳои иду айём идона орову торо медиҳанд.

Шарифабибӣ қиссаву афсонаҳои зиёде медонад, ки бисёр аҷибу шавқоваранд. Бачаҳо нақли ӯро бо ҳавас мешунаванд.



таза
тоза
чистый
clean

**5.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Бачаҳо ба бибии бемор чӣ гуна ёрӣ медиҳанд?
Шумо ғамхориро чӣ хел мефаҳмед?
Оё шумо ба касе ғамхориву парасторӣ кардед?

# Дарси 190

# Оё шумо ба дӯстонатон ёрӣ мерасонед?



**1.** Хонед.

1. Дӯст бошу кӯр набош.
2. Дӯсти нек панди бузург аст.
3. Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст.

## Одоби беадаб



Ба ҳамсинфонаш Асҳоб
Сухан мегуфт аз одоб:
– Мева, ки хӯрдӣ, ҳар ҷо
Пӯчоқашро напарто.
Аз тиреза напар ту,
Ба атрофат нигар ту!
Ҳой, ҷӯраи қаддароз,
Рӯ-рӯи парта натоз!



**2.** Калимаҳоеро нависед, ки амал ё ҳаракатро ифода кунанд. Намуна:

ҷаҳид, хандид, . . .



**3.** Чистон.

Аз кӯҳ вазнинтар,
Аз асал ширинтар.
Ҳеҷ хоҷа наовардааст,
Ҳеҷ баққол нафурӯхтааст. (хоб)

**ӯйқы**
**сон**
**хоб**
**sleep**



**4.** Калимаҳои муқобилмаъноро гӯед.

| | | |
|---|---|---|
| Нав – кӯҳна | Нишаст – хест | рост – |
| Нола – ханда | Нарм – сахт | баланд – |
| Нодон – доно | тарсу – | гиря – |
| Нағз – бад | хобид – | шаб – |



**5.** Хонед ва нақл кунед.

## Ҷовид ба ваъдааш вафо кард



Ҷовид вақте ки ҳафтсола шуд, мактаб рафт.

Аз байн як моҳ нагузашта буд, ки пиразане дар даст мактуб назди Ҷовид омад. Ӯ гуфт:

– Бачам, илоҳо барака ёбӣ, ман хонда наметавонам, чашмо – нам ҳам хира шудаанд. Аз набера-ам мактуб омад, хонда деҳ. Ҷовид не нагуфт. Мактубро гирифт, вале хонда натавонист, зеро онҳо ҳанӯз ҳамаи ҳарфҳоро нахонда буданд, машқи хондан надошт. Ба кампир гуфт:

– Бибиҷон, мо ҳанӯз ҳарфҳоро нахондаем, дар хондан машқ накардаем. Лекин ба шумо ваъда медиҳам. Ҳамин ки хондану навиштанро ёд гирифтам, мактубатонро хонда медиҳам.

**кемпір**
**пиразан**
**старуха**
**old woman**

... Аз байн чанд вақт гузашт. Ҷовид хонданро ёд гирифт, худаш хонаи кампир рафта гуфт:

Бибиҷон, ман хонданро ёд гирифтам. Мактубро биёред, хонда диҳам.

Кампир дид, ки Ҷовид ба ваъдааш вафо кард. Ӯ “Ба ту, ба муаллимонат, ба падару модарат ташаккур!”– гуфта Ҷовидро ба оғӯш гирифт ва дуои нек кард:

Илоҳо, баракат ёбӣ, Ҷовидҷон, умри ҷовид бубинӣ.



**6.** Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

Пиразан аз Ҷовид чӣ хоҳиш кард?
Ҷовид чӣ ҷавоб дод?

# Дарси 191 Тобистон бо чӣ корҳо машғул мешавед?

**1.** Аз рӯи расм ҳикоя тартиб диҳед.

**2.** Шеърро аз ёд кунед.



Мо одамони обӣ
Дар давраи ту будем!
Не, балки офтобӣ
Дар давраи ту будем!
Хуш бош, фасли гармо!
Хуш бош, фасли гармо!

**3.** Нависед.

Баҳри дӯстон доимо,
Кушода дарҳои мо.

**гүл**
**гул**
**цветы**
**flower**

**4.** Дар ин матн калимаи сеюм кадом аст? Онро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

### Қазоқистон

Мо дар Қазоқистон зиндагонӣ мекунем. Ҷумҳурии мо дорои мадҳия, байрақ ва нишони худ мебошад. Қазоқистон Ватани мост. Мо Ватани худро дӯст медорем ва дар васфи он шодона суруд мехонем.

**4.** Бо воситаи калимаи зерин ҷумлаҳо созед:

1. Гарм, истодааст, рӯз, офтобрӯ.
2. Нур, бозӣ, офтоб, хурсандӣ.
3. Тоза, об, дарё.
4. Бисёр, одамон.

**5.** Оё дар бораи қоидаи бехатарии ҳаёт ҳангоми оббозӣ дар ҳавзҳо бохабаред?

1. Дар кадом ҳавз шино кардан мумкин аст?
2. Дар кадом ҳавз оббозӣ кардан мумкин не?
3. Дар кадом фасл оббозӣ ё шиноварӣ кардан мумкин аст?



**6.** Синоними калимаҳоро оред.

Деҳа –қ □□□□ қ

Рӯи шир – қ □□□□ қ

Ҷурғот-қ □□□ қ

## Моҳигирӣ

Рӯзи истироҳат буд. Ману акаам ба моҳигирӣ рафтем. Мо шастро ба об партофта моҳӣ доштем. Бегоҳӣ моҳиёнро гирифта ба хона оавррдем.

# Дарси 192 Тартиб додани матн

**1.** Ба расмҳо нигаред. Пас нақл кунед, ки шумо ҳар рӯз, аз пагоҳ то бегоҳ ба кадом корҳо машғул мешавед?



**2.** Хонед ва муқоиса кунед.

Калон – хурд, сурх – кабуд, ширин – талх, бадҷаҳл – тарсончак, некӣ – бадӣ, азоб – роҳат, бекор – пуркор.

**3.** Шеърро аз ёд кунед.

Бобои ман оҳангар,
Додои ман оҳангар.
Ман дил бастаам бисёр,
Ба ин касбу ин ҳунар.
Оҳанро тафсон кунам,
Болои сандон кунам.

**мәтін**
**матн**
**текст**
**text**

**Ин шавқовар аст!**

## Ошиқбозӣ

Ошиқбозӣ яке аз бозиҳои миллии қазоқ аст. Ин бозии писарбачаҳо буда, онро бо устухонҳои пешакӣ тайёр

кардашуда мебозанд. Ин устухони гӯсфанд аст. Онро бо қоидаҳои махсус дар як давра мебозанд.



## Арғамчинкашӣ

Ин яке аз бозии миллии халқҳои тоҷик, қазоқ, ӯзбек, қирғиз ва дигарҳост. Арғамчини ғафсеро, ки дарозиаш 10-12 метр аст, мегиранд ва ба мобайни он рӯймолчаи сурх мебананд. Ҷойи васеъро интихоб карда ду гурӯҳи одамон, ки аз 10 – 12 нафар иборатанд, баробар мекашанд. Асосан дар иди Наврӯз арғамчинкашӣ мекунанд.

**4.** Хонед.

Аспаки ман
Аспаки тезгарди ман,
Беғаму бедарди ман,
Ба пуштакат зин занам,
Зини махмалин занам.
Ҳар ду ба саҳро равем,
Рӯ-рӯи алаф давем.



**5.** Зарбулмасал.

Аспи бадро сад қамчин,
Аспи хубро як қамчин.

**6.** Муродифи калимаҳоро ёбед.

| | |
|---|---|
| Рафиқ – . . . | Ору – . . . |
| Қош – . . . | Дарё – . . . |
| Авқот – . . . | Нобино – . . . |

Ҷавоб: ҷӯра, абрӯ, хӯрок, занбӯр, рӯд, кӯр.

**аяқ**
**по**
**нога**
**foot**

# Дарси 193

# Хурӯси зирак



**1.** Мазмуни матнро нақл кунед.

Шағоли гуруснае аз роҳ мегузашт. Дид, ки як хурӯси фарбеҳ болои дарахт нишастааст. Ба хурӯс нигоҳ карда гуфт:

Хурӯси зебо, аз гапи нав хабар дорӣ? Дар миёни паранда ва дарандаҳо сулҳу оштӣ эълон шуд. Биё, аз дарахт фуро, мо ҳам дӯст шавем ва мисли бародар гардем.

Хурӯс гарданашро дароз карда, ба тарафе нигоҳ кардан гирифт.

Чӣ гап? Чаро ба он тараф нигоҳ карда истодаӣ? – пурсид шағол.

Хурӯс гуфт:

Як тӯда сагҳо ба тарафи мо меоянд.

Шағол аз шунидани ин суханҳо роҳи гурезро пеш гирифт.

**Пешояндҳо**
**Аз, бо, ба**
**бе, дар,**
**то,барои**



**ағаш**
**дарахт**
**дерево**
**tree**



**2.** Ба пешояндҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ба, аз, дар, бо,то,барои.



**3.** Ба ҷои нуқтаҳо пешояндҳои лозимиро гузоред.

Падарам . . . кор омад. Бачаҳо . . . кӯҳи баланд баромаданд. Ман . . . синфи якум мехонам.

**4.** Чистонҳо.

Уштури гардандароз
Меравад дуру дароз.
(абр)
Чор баллону як хона,
Мехӯрад обу бензин.
Мекашонад одамро
Аз як манзил ба манзил.
(автобус)

**жазушы**
**нависанда**
**писатель**
**writer**

**5.** Хонед.

## Алтинсарин

Ибрай Алтинсарин педагоги номдори халқи қазоқ аст. Вай муаллифи аввалин китобҳои дарсӣ буд. И.Алтинсарин нависанда ҳам буд. Вай барои бачаҳо бисёр ҳикояҳо навиштааст. И.Алтинсарин дар ҳикояҳояш ҳаёти одамони замони худро тасвир кардааст. И. Алтинсарин бачаҳоро ба донишомӯзӣ ва хушодобӣ даъват мекард.



**6.** Ба саволҳо ҷавоб гӯед.

И. Алтинсарин кӣ буд?
Байти зеринро аз ёд кунед.
Зи дониш зинда монӣ, ҷовидонӣ,
Зи нодонӣ наёбӣ зиндагонӣ.

7. Вай бачаҳоро ба чӣ даъват мекунад?

# Дарси 194

# Себак ва ар-ар



**1.** Шеъррро аз ёд кунед.

Себак ба рӯзе
Гуфто ба ар-ар:
Чаро ту мудом
Ҳастӣ бесамар?
Вале ман бошам,
Доим гулафшон.

Баҳра мебаранд,
Аз ман одамон.
Ҳар себаки ман,
Гавҳари рахшон.
Ба назди меҳмон,
Зеби дастархон.



**2.** Нависед:

Себак ба замин
Яксону яксон,
Аз ман –маниҳо,
Умре пушаймон.

**жер**
**замин**
**земля**
**earth**

**3.** Бо пешояндҳои ба, аз, дар, то ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

Намуна: Шокир аз мактаб омад.

**4.** Номи меваҳоро гӯед ва нависед.








**5.** Хонед. Мазмунашро нақл кунед.

## Писарбачаи зирак



Буд набуд, дар як деҳаи дурдасти кӯҳсор писарбачае буд. Ӯ модари ӯгай дошт. Онҳо дар бисоти худ бузу бузғола доштанд. Модари ӯгай ҳар пагоҳӣ бо дамидани субҳ писарбачаро бо бузу бузғола ба саҳро мефиристонд.

Як пагоҳӣ мисли ҳарвақта писарак бузҳоро гирифта ба саҳро рафт. Рӯз нисф шуда буд. Дар ҳамин вақт аз куҷое як гурги бадҳайбат пайдо шуда, дод зада гуфт:

– Канӣ, гап зан, туро хӯрам ё бузро?

Писарак ларзида аз тарс чӣ гуфтанашро надонист. Ӯ лаҳзае фикр кард. Ба гург ҳамла кунад, зӯраш намерасад. Монад, ки гург бузи ягонаашро хӯрад?

Не, не . . . Дар ҳамин вақт шиками писарак, ки аз пагоҳӣ ҳеҷ чиз нахӯрда буд, қуррос зад. Гург аз ин ҳол як қад парида гуфт:

– Ҳой, дар шиками ту чист, ки уллос мекашад?

Писарак гуфт:

– Дирӯз дар вақти нонӯшта ду сагбачаро хӯрда будам, ана ҳоло фаҳмиданд, ки дар назди ман гург истодааст, мехоҳанд, ки берун баромада туро пора-пора кунанд.

Гург бо шунидани ин гапҳо ба воҳима афтод ва аз писарак хоҳиш кард:

– Ҷон писарак, то ман аз ин ҷо рафтан даҳонатро накушо, набошад, сагбачаҳо маро мехӯранд.

Писарак даҳонашро бо дасташ пӯшид. Гург гурехта рафт. Писарбачаи зирак аз гурги гурусна халос шуд.

**аштық**
**гуруснагӣ**
**голод**
**hungry**

# Дарси 195 Нишонаҳои саломатӣ



**1.** Зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.

Дар тани сиҳат, ақли сиҳат.
Тани солим – фикри солим.
Бемор шудан осон, сиҳат шудан мушкил.



**2.** Аз рӯи расмҳои зерин нақл кунед.



**ұя**
**лона**
**гнездо**
**nest**



**3.** Ҷумлаҳоро давом диҳед.

Агар ман сиҳат бошам, . . .
Агар одам сиҳат бошад, . . .





**4.** Диктант.

## Фароштурук

Баҳор омад. Рӯзҳо гарм шуданд. Аз гирду атроф овози фароштурук ба гӯш мерасад. Вай бисёртар дар долони хонаҳо лона месозад. Фароштурук дӯсти одам аст. (25 калима)

**5.** Шеърро аз ёд кунед.

Барвақт хезем аз хоб,
Худро диҳем обутоб.
Варзиш ба мо бубахшад,
Хурсандии беҳисоб!

*(Алӣ Бобоҷон)*

# Дарси 196 Наврӯз



**1.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Муаллим садои форами мусиқиро хомӯш карду ба талабаҳо рӯ овард:



Бачаҳо, оё медонед, ки Наврӯз чӣ маъно дорад ва онро дар кишвари мо кай ҷашн мегиранд? Ҷашни Наврӯз аз ҷашнҳои бостонии мардуми мост. Мардуми мо ҳар сол дар аввали ҳамал, ки ин моҳи март мешавад, рӯзи Наврӯзро ҷашн мегиранд. Вақте ки Наврӯз наздик мешавад, барфҳо ҳама об мешаванд, сабза медамад, гулҳои баҳорӣ аз қабили гули зардак, тағорашиканак, сиёҳгӯш, бойчечак мешукуфанд, дарахтон либоси сабз бар тан мекунанд.

Ҳама чиз зебо, сабзу хуррам менамоянд. Бачаҳо ба рӯи сабзаҳои нармак ба ҳар тараф метозанд, медаванд, бозӣ мекунанд. Бачаҳо хеле зирак ва ҳушёранд. Онҳо аз болои теппаҳо, лаби ҷӯйҳо, доманаи кӯҳпораҳо гулҳои гуногуни баҳорӣ чида меоранд ва ба падару модар тақдим карда мегӯянд:

Наврӯзатон фирӯз бод,
Ҳар рӯзатон Наврӯз бод.

**наурыз**
**наврӯз**
**навруз**
**navruz**



**2.** Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

Муаллим ба бачаҳо чӣ гуфт? Наврӯзро дар ватани мо кай ҷашн мегиранд? Кадом гулҳои баҳориро медонед? Бачаҳо ба падару модари худ чӣ мегӯянд? Дар бораи иди Наврӯз боз чиҳо медонед?

# Дарси 197 Об манбаи ҳаёт аст

**1.** Хонед.

су
об
вода
water

Об асту ҳаёт пойдор аст,
Об асту замину кишту кор аст.
Маҳсули ҳама ҷаҳони ҳастӣ,
Аз ҳастии оби файзбор аст.

Оре, об манбаи ҳастии мавҷудоти олам аст. Об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хосса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об вобастагӣ дорад.

Инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто қисмати зиёди вазни бадани инсоният аз об иборат аст. Об ҳаст ободӣ ҳаст, мегӯянд.

Хулоса, аз гуфтаи Паёмбари бузург Расули Акрам “Об ҳақиқатан поккунанда ва асоси ҳастист, ки чизе онро наҷис нагардонад”.



**2.** Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед.



Чароғаки раҳнамо
Чароғаки раҳнамо
Дорад ҳар як гузаргоҳ.
Ҳар се ранги банураш
Ба мо нишон диҳад роҳ.
Ранги сурхи чароғак
Гӯяд, ки нашав роҳӣ.
Ранги зардаш аз хатар,
Диҳад ба мо огоҳӣ.
Ранги сабзи чароғак
Мекушояд ба мо роҳ.
То нашавад фурӯзон,
Нагузар аз гузаргоҳ.
Шаҳри мо – шаҳри калон
Мошинҳояш бешумор.
Қоидаро нигаҳ дор!





**3.** Ба саволҳо ҷавоб гӯед

1) Шумо дар бораи чароғаки раҳнамо чӣ медонед?
2) Ин гуна чароғакҳоро дар куҷо мегузоранд?
3) Маънои ҳар як ранги чароғакро маънидод кунед.

**4.** Чистон.

Аз дур бинӣ, кабудзор,
Корд занӣ, лолазор. (тарбуз)



**бағдаршам**
**чароғаки**
**роҳнамо**
**светофор**
**light-signal**

# Дарси 198 Маводи шавқовар



**1.** Дар таблитса чӣ навишта шудааст? Хонед.




Ҷавоб: Хола, Ма, Лола



**2.** Калимаро номбар кунед.

Рӯи ширро чӣ меноманд? (қаймоқ)
Матоъро бо чӣ мебуранд? (қайчӣ)
Расмро бо чӣ мекашанд? (қалам)
Кадом ҷонвар то саҳар лаби об нишаста суруд мехонад? (қурбоққа)
Бачаи боодобу боинтизомро чӣ мегӯянд? (қобил)
Беинтизому беодобро чӣ? (ноқобил)
Кӣ дар саҳна рақс мекунад? (раққоса)
Китобу дафтарро аз чӣ месозанд? (коғаз)

**қар**
**барф**
**снег**
**snow**



**3.** Ҳарфи афтидаро гузоред.

Барф, барфӣ, барфак.
Боғ, боғ . . ., боғ . . .
Гул, гул . . ., гул . . ., гул . . .
Дон, дон . . ., дон . . .
Моҳӣ, моҳи . . ., моҳи . . .



**4.** Калимаҳоро барои аз сатр ба сатр гузаронидан ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва нависед: сафед, арча, шабнам, гулистон, боғистон, моҳича.



**5.** Аз овози аввали ашёҳо ширинии дӯстдоштаи бачагон ҳосил мешавад.








Ҷавоб: (Яхмос)

**6.** Занҷири калимаҳо.

Ғолиб – болға –ангур – роғ – ғамгин – нағз – зоғ – ғоз




**7.** Ҳиҷоҳоро то калима пурра кунед ва нависед.

Эҳ – (сон), ан – (гур, ор), оф – (тоб), до – (но), ҳам – (соя), моҳ – (й, тоб).

**8.** Барои тансиҳатии инсон боз кадом чизҳо заруранд? Онҳоро номбар кунед.



**Ин шавқовар аст!**

Одам бе об то 3 – 4 рӯз тоқат карда метавонад. Об манбаи ҳаёт аст. Мева ва ғалла аз беморӣ ва беҳолӣ нигоҳ медорад. Шир, гӯшт, равған – сармаи қувват. Сабзӣ барои расо шудани қадду қомат ёрӣ мерасонад. Барои дуруст кор кардани майнаи сари одам қанд, фосфор лозим аст.

**9.** Аз калонсолон пурсед, ки дар таркиби гӯшту шир, сабзавоту меваҳо чӣ гуна витаминҳо мавҷуданд.

**шабдалы**
**шафтолу**
**персик**
**peach**

# Дарси 199 Такрории дарсҳо

**1.** Аз рӯи намуна сутунҳоро давом диҳед:

| Ҳарфҳо | Номҳо | Меваҳо | Ҳайвонҳо | Қаҳрамони мултфилмҳо | Растаниҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| А | Азиза | анор | аср | | |
| Б | Бобур | биҳӣ | барра | | |
| В | Восеъ | | | | |
| Г | ... | гелос | гург | | |
| ,,, | ... | | | | |

**2.** Ҷумлаҳоро нависед, ба ҷои нуқтаҳо ҳарфи и-ро гузоред.

1. Воҳид либос . . . гарм пӯшид. 2. Дар тобистон дар об . . . хунук оббозӣ кардан фоида дорад. 3. Саид либос . . . нав харид. 4. Шамол . . . форам мевазид.

**3.** Шеърро ифоданок хонед:

## Борон

Абр омаду абр омад,
Ғурранда чун бабр омад.
Дар соати нӯҳ омад,
Аз ҷониби кӯҳ омад.
Дар болои шаҳр омад,
Якбора ба қаҳр омад.
Дид, ин ки ғубору чанг,
Доранд ба гулҳо ҷанг.
Бинию лаби насрин
Бисёр шуда чиркин.

**булт**
**абр**
**туча**
**cloud**





**4.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Шоир чӣ менависад? (шеър)
2. Хабарро аз куҷо мефаҳмед? (аз эълон)
3. Кадом узви инсон хӯрокро ҳазм мекунад? (меъда)
4. Агар чароғи барқӣ хомӯш шавад, чиро дармегиронед? (шамъ)

**5.** Шеърро аз ёд кунед

## Иди Май

Иди фараҳбахш омадаст,
Дар ин диёри беканор.
Иди амонӣ, дӯстӣ,
Иди баҳори файзбор.

Мирзо Турсунзода

**мамыр**
**май**
**май**
**may**

**6.** Хонед.

## Хотираҳои тобистон

Ҳавои форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштаҳои гуногун ва бо пахтаи сафед пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурх, сиёҳ, зард ва сафед парида мегарданд. Парандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бомҳо ва ба рӯи гулҳои рангоранг мешинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

*Садриддин Айнӣ*





**1.** Хонед ва кӯшиш кунед, ки одоби таом хӯрданро риоя намоед.

## Одоби хӯрокхӯрӣ

Бачае ба назди ҳакиме бузург – Абӯалӣ ибни Сино омада гуфт:

– Табиби мӯҳтарам, чанд вақт аст, ки гулӯям дард мекунад, маро табобат кунед.

– Пеш аз хӯрок хӯрдан дастатро шӯй, – гуфт Абӯалӣ ибни Сино гулӯи беморро дида.

– Охир ман ба шумо дастам дард мекунад нагуфтам – ку, – норозигӣ баён кард бача.

– Медонам, ки гулӯят дард мекунад.

– Ин тавр бошад, даст ба гулӯ чӣ алоқа дорад? – пурсид бача.

– Алоқааш ин аст, ту хӯрокро бо дасти ношуста мехӯрӣ. Хӯрокхӯрӣ ҳам одоб дорад.



**2.** Хонед ва дар хотир доред.

## Одоби таом хӯрдан

Аввал, бисмиллоҳ гӯй;
дуюм, пеш аз таом дастонатро шӯй;
сеюм, таом ба дасти рост хӯр;
чорум, аз пеши худ хӯр;
панҷум, ба луқмаи касе нигоҳ накун;
шашум, аз гӯшаи табақ ё коса хӯр;
ҳафтум, таомро пок хӯр.

**ауыз**
**даҳон**
**рот**
**mouth**



**3.** Нависед.

Абӯалӣ ибни Сино донишманди бузурги халқи тоҷик аст. Вай дар ҷаҳон машҳур мебошад.



**4.** Хонед.

Аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй
Ҳазрати Муҳаммад (с)
То боздид дар соли нави хониш!

# ХАРИТАИ КИТОБИ ДАРСИИ САВОДОМӮЗӢ

| Мазмуни таълим | Намудҳои нутқ | Маҳорат ва малакаи асосӣ |
|---|---|---|
| Қисми 7 “Таом ва нӯшокӣ” | | |
| Тартиб додани ретсептҳо<br>Хондани саргузаштҳо<br>Нақли ҳикояҳо<br>Тартиб додани матн ё ҳикоя навиштан<br>Мо чӣ гуна муомила мекунем? | Шунидан ва суханронӣ<br><br><br>Хондан<br><br><br><br><br><br><br><br>Навиштан | Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни маълумот. Нақли мазмуни маълумот. Шарҳи ҳодисаҳо.<br><br>Ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ барои иҷрои машқҳо (дар таҳти роҳбарии муаллим) Дарк кардани маълумотҳое, ки дар намуди матн, расм, нақша ва таблитса дода шудааст.<br>Бо дикта навиштани калимаҳо. Аз матнҳои додашуда рӯбардор кардани ҷумлаҳо. Бамаврид гузоштани аломатҳои пунктуатсия: нуқта, хитоб, савол. Имлои калима дар таркиби ҷумла. Имлои ҳарфҳои ҷарангдор ва беҷаранг. Имлои садонокҳо. Тартиб дода тавонистани матн бо супоришҳои эҷодӣ. Муайян кардани ҷойи хато ва ислоҳ кардани онҳо. Навишта гирифтани ретсепти таомҳо. Навиштани ҳикояҳо оид ба мавзӯи таом ва нӯшокиҳо. |

| Қисми 8 “Дар тани сиҳат – рӯҳи сиҳат” | | |
|---|---|---|
| Тартиб додани матн дар бораи саломатӣ ва варзиш Нақли ҳикояҳо Сохтани ҳикояҳо | Шунидан ва суханронӣ<br>Хондан<br>Навиштан | Риоя кардан ба одоби муошират. Мулоҳизаҳои худро баён карда тавонистан. Тартиб дода тавонистани матн дар бораи варзиш ва нигоҳ доштани саломатӣ.<br>Ба қисмҳо ҷудо кардани матн. Нақл кардан. Муайян кардани намуди матн. Муқоиса кардан ва таҳлили матн. Хондани маълумот дар бораи варзиш<br>Ба меъёрҳои орфографӣ, грамматикӣ, пунктуатсионӣ, ҳусни хат риоя кардан. Имлои ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо, исмҳои хос |

| Дуруст нависед! | | |
|---|---|---|
| алфавит | нордбон | фалак |
| аъло | олу | фақат |
| барг | об | фил |
| вагон | офтоб | харбуза |
| гул | офтобпараст | харгӯш |
| ғалтак | пиёла | хона |
| доира | пиёз | хӯша |
| гелос | пахта | ҳарф |
| қут | помидор | ҳуштак |
| жола | радио | чашм |
| занбӯр | ракета | чарх |
| искана | рӯбоҳ | чормағз |
| моҳӣ | рафиқ | чӯҷа |
| китоб | сабзӣ | ҷамъ |
| кабӯтар | себ | ҷорӯб |
| қайчӣ | сандуқ | ҷуворимакка |
| қалам | сачоқ | ҷӯй |
| лимон | сӯзан | шапалак |
| лӯбиё | тарбуз | шер |
| лӯхтак | тортанак | шона |
| мурғ | тарб | шӯр |
| мор | уқоб | элак |
| мева | умр | эълон |
| мӯза | устухон | юла |
| нок | умед | яхдон |
| нон | фарбеҳ | яхмос |

## Мундарича


Дарси 151. Таом ва нӯшокӣ ........................................ 4

Дарси 152. Мо чӣ гуна муомила мекунем? ................ 6

Дарси 153. Нутқ чист? ................................................ 8

Дарси 154. Нутқ чанд хел мешавад? ...................... 10

Дарси 155. Овоз чист? ............................................ 12

Дарси 156. Тавсифи овоз ........................................ 14

Дарси 157. Ҳарф чист? ............................................ 16

Дарси 158. Саёҳат ба олами ҳарфҳо ...................... 18

Дарси 159. Овозҳои садонок ва ҳарфҳо ................. 20

Дарси 160. Овоз ва ҳарфҳои садонокро муқоиса кунед...................... 22

Дарси 161. Тартиб додани рецепт .......................... 24

Дарси 162. Тайёр намудани салатҳои мевадор ...... 26

Дарси 163. Нақл аз рӯи расм .................................. 28

Дарси 164. Дар рӯзаки тобистон ............................ 30

Дарси 165. Ҳиҷо ............................................................. 32

Дарси 166. Аз сатр ба сатр
гузаронидани калимаҳо ......................... 34

Дарси 167. Хондани саргузаштҳо............................. 36

Дарси 168. Овозҳои ҳамсадо ва ҳарфҳо................. 38

Дарси 169. Парандаҳо – дӯстони мо ........................ 40

Дарси 170. Нақл аз рӯи расм .................................... 42

Дарси 171. Нонӯшта .................................................. 44

Дарси 172. Одоби таомхӯрӣ ...................................... 48

Дарси 173. Хӯрок хӯрдани ҳайвонот ........................ 50

Дарси 174. Дар тани сиҳат – рӯҳи сиҳат .................. 54

Дарси 175. Ҳикоя дар бораи варзиш........................ 55

Дарси 176. Саломатӣ ва қадри он............................ 56

Дарси 177. Машқҳои варзиши
чӣ аҳамият доранд? ............................... 58

Дарси 178. Парвариши қадду қомат......................... 60

Дарси 179. Шумо чӣ гуна обутоб меёбед?............... 62

Дарси 180. Матн тартиб додан ................................ 64

Дарси 181. Барои саломатӣ чӣ ................................ 66
фоидаовар аст?................................ 66

Дарси 182. Шумо дар хона танҳо. ........................... 68
Чӣ бояд кард?................................ 68

Дарси 183. Реҷаи рӯз ................................ 70

Дарси 184. Хондани ҳикояҳо ................................ 72
дар бораи спорт ................................ 72

Дарси 185. Кадом бозиҳои варзиширо
дӯст медоред? ................................ 74

Дарси 186. Адаб бо бегонагон ................................ 78

Дарси 187. Рафиқи бевафо ................................ 80

Дарси 188. Кадом бозиҳои варзиширо медонед? ... 82

Дарси 189. Шумо чӣ корҳо карда метавонед? ......... 84

Дарси 190. Оё шумо ба дӯстонатон
ёрӣ мерасонед?................................ 86

Дарси 191. Тобистон бо чӣ корҳо
машғул мешавед? ................................ 88

Дарси 192. Тартиб додани матн ................................ 90

Дарси 193. Хурӯси зирак ................................ 92

Дарси 194. Себак ва ар-ар........................................ 94
Дарси 195. Нишонаҳои саломатӣ............................. 96
Дарси 196. Наврӯз..................................................... 97
Дарси 197. Об манбаи ҳаёт аст................................ 98
Дарси 198. Маводи шавқовар................................. 100
Дарси 199. Такрории дарсҳо.................................. 102

Учебное издание

**Гульнара Бабараимовна Акрамова**
**Розби Амирдиновна Садирдинова**
**Руслан Аюбханович Хамитов**

# САВОДОМӮЗӢ

(ОБУЧЕНИЕ ГРАМОТЕ)

Китоби дарсӣ барои синфи 1
Мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 3**

*(на таджикском языке)*


Редактор *С. Турсунбаев*
Художественный редактор *М. Кариев*
Технический редактор *З. Бошанова*
Дизайн и компьютерная верстка *Д. Мансуровой*

ИБ № 7335

Сдано в набор 20.06.2016. Подписано к печати 28.07.2016. Формат 84х108$^1/_{16}$. Бумага офсетная. Гарнитура «SchoolBook». Печать офсетная. Усл. печ. л. 11,76. Уч.-изд. л 11,83. Усл.-кр. отт 47,04. Тираж 600 экз. Заказ №

Қазақстан Республикасы "Жазушы" баспасы, 050009.
Алматы қаласы, Абай даңғылы, 143-үй.
E-mail: Zhazushi@mail.ru

ISBN 978-601-200-528-8